Бо фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «07» _10_ соли 2022, №111
тасдиқ шудааст

Дастурамал
оид ба гузарондани санҷишҳои андоз

Дастурамал оид ба гузарондани санҷишҳои андоз (минбаъд – Дастурамал) тартиби ташкил ва гузарондани санҷиши фаъолияти андозсупорандагон оид ба иҷрои талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ки назорати иҷрои онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст, муайян менамояд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти андоз ҳангоми гузарондани санҷишҳои андоз доир ба риояи қонунгузории андоз дар фаъолияти андозсупорандагон истифода мешавад.

2. Санҷишҳои андоз шакли назорати андоз буда, тавассути онҳо назорати риояи қонунгузории андоз, боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет анҷом дода мешавад. Санҷиши андоз шакли назорати давлатӣ мебошад, ки танҳо аз ҷониби мақомоти андоз гузаронда мешавад.

3. Санҷиши андоз танҳо дар вақти корӣ ва рӯзҳои кории андозсупоранда гузаронда мешавад. Гузарондани санҷиши андоз набояд фаъолияти андозсупорандаро боз дорад.

4. Дар Дастурамали мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- андозсупорандагон – шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, инчунин филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаашон уҳдадории ҳисоб ва пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет гузошта шудааст;

- дигар шахсони уҳдадор – агентҳои андоз, филиалҳо, намояндагиҳо, дигар воҳидҳои махсуси шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои тавозуни алоҳида ва суратҳисоби бонкӣ мебошанд, ворисони ҳуқуқии корхонаҳои азнавташкилдодашуда, дигар ворисон, мақомоти васоят ва парасторӣ ё шахсони ваколатдоршуда барои иҷрои уҳдадориҳои андоз ва пардохти фоизҳои шахсони бедарак (ғоиб) ё корношоям эътирофшуда, кафолатдиҳанда;

- мақомоти андоз – Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (минбаъд – ВМКБ), вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, нозироти андоз дар шаҳр (ноҳия)-ҳо, раёсати андози андозсупорандагони калон;

- роҳбарияти мақомоти андоз – раис, муовинони раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардорони раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, сардори раёсати андози андозсупорандагони калон ва сардорони нозироти андоз дар шаҳру ноҳияҳо;

- санҷишгар – корманди мақомоти андоз, ки барои гузарондани санҷиши андоз оид ба назорати иҷрои талаботи қонунгузории андоз бо тартиби муқарраргардида ваколатдор шудааст.

5. Санҷишҳои андоз бо мақсади назорати риояи қонунгузории андоз, аз ҷумла пардохти боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет гузаронда мешаванд. Санҷиши андоз дар шакли санҷиши сайёри андоз ва санҷиши амалиётӣ амалӣ карда мешавад.

6. Мутобиқи қисми 1 моддаи 46 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷишҳои андоз аз намудҳо (шаклҳо)-и зерин иборат мебошанд:

- санҷиши сайёри андоз;

- санҷиши амалиётӣ.

7. Санҷиши сайёри андоз – санҷиши ҳуҷҷатии андоз аз рӯйи як ё якчанд мавзуъ бо мақсади муайян намудани дурустии ҳисоб ва пардохти андозҳо, боҷҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ барои давраи муайян дар асоси низоми идоракунии хавфҳо гузаронда мешавад.

8. Санҷиши амалиётии андоз усули амалисозии назорати андоз аз ҷониби мақомоти андоз буда, нисбати субъект (субъектҳо)-и фаъолияти соҳибкорӣ (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ) тибқи мавзуҳои дар бобҳои 28-31 Дастурамали мазкур пешбинишуда гузаронда мешавад.

## 2. САНҶИШИ САЙЁРИ АНДОЗ, УҲДАДОРИҲОИ КОРМАНДИ АНДОЗ ҲАНГОМИ ТАШКИЛ ВА ГУЗАРОНДАНИ САНҶИШ

9. Санҷиши сайёри андоз танҳо бо мақсади муайян намудани дурустии ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ барои давраи муайян дар маҳалли фаъолияти андозсупоранда, ба истиснои ҳолатҳое, ки маҳалли фаъолияти андозсупоранда манзили истиқоматии он мебошад, дар асоси низоми идоракунии хавф гузаронда мешавад. Дар ҳолати номутобиқатии суроғаи бақайдгирии андозсупоранда ба суроғаи воқеии фаъолият, санҷиш дар мақомоти андоз гузаронда мешавад.

10. Санҷиши сайёри андоз аз рӯйи дараҷаи хавфҳо, ки онҳо тибқи низоми идоракунии хавфҳо муайян мегарданд, дар асоси фармоиши мақоми ваколатдори давлатӣ гузаронда мешавад.

11. Санҷиши сайёри андоз ҳангоми ихтиёран қатъ гардидани фаъолияти андозсупоранда аз лаҳзаи санҷиши охирин, вале на зиёдтар аз муҳлати даъво гузаронда мешавад.

Эзоҳ: Мисол. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди (минбаъд-ҶДММ) «Амин» 12 апрели соли 2022 барои гузарондани санҷиши қатъи фаъолият ба мақомоти андоз тариқи хаттӣ (электронӣ) муроҷиат намуд. Мақомоти андоз бо фармоиш аз 15 апрели соли 2022, №55 гузарондани санҷиши қатъи фаъолияти ҶДММ «Амин»-ро таъин намуд. Санҷиши охирин дар фаъолияти Ҷамъият давраи то 1 январи соли 2022-ро фаро гирифтааст. Дар ин маврид аз ҷониби Ҷамъият тибқи талаботи Кодекси андоз тамоми эъломия ва ҳисоботи ниҳоӣ (қатъи фаъолият) ба мақомоти андоз пешниҳод карда шуда, санҷиши қатъи фаъолият барои давраи пас аз 1 январи соли 2022 гузаронда мешавад. Ҳангоми муайян намудани ӯҳдадориҳои алоқаманд ба андоз аз даромад аз ҳисоби суди саҳмияҳо, дороиҳои Ҷамъият аз лаҳзаи таъсисёбӣ ва дар лаҳзаи қатъи фаъолият ба инобат гирифта мешаванд.

12. Дар ҷараёни санҷиши сайёри андоз ба андозсупоранда иҷозат дода намешавад, ки ба ҳисобот (эъломияҳо)-и андозии давраи санҷидашаванда тағйиру иловаҳо ворид намояд.

13. Дар сурати аз ҷониби андозсупоранда мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ нагардидани баҳисобгирии муҳосибӣ, ки гузарондани санҷишро имконнопазир менамояд, мақомоти андоз барои муайян намудани ӯҳдадориҳои андозӣ усулҳои алтернативии андозбандиро истифода мебарад.

Эзоҳ: Мисол. Дар рафти санҷиши сайёри андоз дар фаъолияти ҶДММ «Амин» ҳуҷҷатгузории муҳосибии алоқаманд ба хариди молҳо (иҷрои кор ва хизматрасонӣ), ки оғоз ва анҷоми амалиётҳои хоҷагидории анҷомдодашударо бояд тасдиқ намоянд, ба санҷишгар пешниҳод карда нашуд. Ҳолати ҷойдошта ба он боис мегардад, ки санҷиши дурустии ҳисоб ва пардохти андозҳо дар фаъолияти Ҷамъият ғайриимкон гардад. Дар ин маврид бо мақсади муайян намудани ӯҳдадориҳои андозсупоранда мақомоти андоз тибқи талабот ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории андоз аз усулҳои алтернативии андоз истифода менамояд.

14. Зиёда аз як маротиба гузарондани санҷиши сайёри андоз аз рӯйи як намуди андоз ва барои як давра, ба истиснои муқаррароти боби 7 Дастурамал манъ аст.

15. Ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ-резидент санҷиши сайёри андоз гузаронда намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки андозсупоранда барои чунин санҷиш ариза пешниҳод мекунад.

16. Кормандони мақомоти андоз, ки барои гузарондани санҷиши андоз сафарбар мегарданд, ӯҳдадоранд:

- ҳангоми муошират бо андозсупорандаи таҳти санҷиши сайёри андоз қарордодашаванда ва раванди санҷиши сайёри андоз талаботи Кодекси одоби шахсони мансабдори мақомоти санҷиш, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2016, №421 тасдиқ шудааст, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ ва талаботи Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо фармоиши

раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2017, №270 тасдиқ шудааст, риоя намоянд;

- набояд санҷиши сайёри андозро нисбат ба андозсупорандагоне, ки бо онҳо робитаи хешутаборӣ доранд, манфиати мустақим ё ғайримустақим дошта бошад, ки ба натиҷаи санҷиш таъсири манфӣ расонад, гузаронад;
- пеш аз оғози санҷиш ва баъд аз анҷоми он дар дафтари бақайдгирии санҷишҳо қайдҳои дахлдорро ворид намоянд;
- ҳуқуқ ва манфиатҳои андозсупорандагонро риоя ва ҳимоя намоянд;
- дуруст ҳисоб намудан, пуррагӣ ва сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт гардидани андозҳоро назорат намоянд;
- маводи алоқаманд ба мавзуи санҷишро, ки ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андозро тасдиқ менамояд, бо истинод ба моддаҳои дахлдори Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқаррароти дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок намоянд;
- ҳангоми санҷиш муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи Дастурамалро риоя намоянд;
- дар асоси моддаи 170 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон сирри андоз ва қоидаҳои нигоҳ доштани маълумотро дар бораи андозсупорандагон риоя намоянд;
- тибқи талабот ва дар муҳлати муқарраарнамудаи қонунгузории андоз маводи санҷиширо ҷиҳати чораҷӯйии минбаъда барои ирсол намудан ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ омода ва ба роҳбарият пешниҳод намоянд;
- қонунвайронкуниҳои ошкоршудаи андозро бартараф кунанд, супоришҳои додашударо дар самти бартараф намудани чунин қонунвайронкуниҳо аз ҷониби андозсупорандагон талаб намоянд;
- барои дар оянда пешгирӣ намудани такрорёбии ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз, ки дар рафти санҷиши сайёри андоз ошкор карда шудаанд, бо андозсупоранда корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом диҳанд;
- дар муҳлати муқарраргардида пардохти маблағҳои дар натиҷаи санҷиши сайёри андоз ошкоршударо ба буҷети давлатӣ таъмин намоянд;
- пардохти маблағҳои бақияпулиҳои андозӣ аз ҳисоби санҷишҳои сайёри андози қаблан ошкорнамударо таъмин намоянд;
- супоришҳои аз ҷониби роҳбари мақомоти андоз додашударо, ки ба талаботи қонунгузорӣ мухолифат намекунанд, иҷро намоянд.

## 3. ҲУҚУҚҲОИ КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ҲАНГОМИ ГУЗАРОНДАНИ САНҶИШИ САЙЁРИ АНДОЗ

17. Ҳангоми гузарондани санҷиши сайёри андоз кормандони мақомоти андоз, ки барои гузарондани санҷиш ваколатдор мебошад, ҳуқуқ доранд:

- аз андозсупоранда маълумот ва (ё) ҳуҷҷатҳои барои санҷиш алоқамандро талаб намоянд;
- андозсупоранда, инчунин шахсонеро, ки нисбати андозсупорандаи таҳти санҷиш қарордошта иттилооти барои санҷиш зарурро доранд, бо риояи тартиби муқарраргардида ба мақомоти андоз даъват намоянд;

- аз дигар мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ маълумот ва ҳуҷҷатҳои барои гузарондани санҷиши андоз лозимаро талаб карда гиранд;

- аз хизмати мутахассисон ва коршиносҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намоянд;

- ҳангоми гузарондани санҷиши сайёри андоз ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсияти андозсупоранда, ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва (ё) баҳисобгирии андоз, оморӣ, тавозунҳо, суратҳисобҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои барои ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо зарурро талаб намоянд;

- дар ҷарраёни санҷиши андоз бо тартиби муайяннамудаи қонунгузории ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои андозсупоранда (агенти андоз)-ро, ки аз содир гардидани ҳуқуқвайронкунии андоз гувоҳӣ медиҳанд, дар ҳолати вуҷуд доштани имконияти нобуд сохтан, пинҳон намудан, тағйир додан ё иваз намудани ин ҳуҷҷатҳо, бо риояи талаботи муқарраргардида ва тартиб додани санади дахлдор гиранд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои бонкӣ бо ҳуҷҷатҳои аслӣ ва суратҳисобҳо шинос шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ маълумотнома ва нусхаи ҳуҷҷатҳои бо амалиётҳои андозсупорандагон алоқаманди дар вақти санҷиш пайдошударо гиранд.

## 4. ОГОҲИНОМА ДАР БОРАИ САНҶИШИ САЙЁРИ АНДОЗ

18. Мақомоти андоз на камтар аз 10 рӯзи корӣ то оғози санҷиши сайёрии андоз ба андозсупоранда огоҳинома ирсол менамояд.

19. Огоҳинома ба андозсупоранда (агенти андоз) дар маҳалли ҷойгиршавии дар маълумоти бақайдгирии давлатӣ нишондодашуда супорида мешавад ё тавассути ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ва ё почтаи фармоишӣ тибқи замимаи 1 ба Дастурамали мазкур ирсол карда мешавад.

20. Дар огоҳинома асосҳо барои гузарондани санҷиши сайёри андоз, аз ҷумла мавзуи санҷиши сайёр, давраи санҷиш ва мӯҳлати гузарондани он нишон дода мешаванд. Мавзуҳои санҷиши сайёри андоз, аз ҷумла вобаста ба натиҷаи назорати камералӣ, номгӯйи алоҳидаи андозҳо ва пардохтҳо, инчунин андозҳои бо ҳам алоқаманд шуда метавонанд. Андоз дар ҳолате бо андози дигар алоқаманд ҳисобида мешавад, агар тағйир додани маблағи ҳисобкардашуда мутаносибан ба тағйир ёфтани маблағи дигар андоз оварда расонад.

21. Андозсупорандае, ки дар хусуси санҷиши дар пешистодаи андоз огоҳинома гирифтааст, уҳдадор аст иштироки худ (иштироки намояндаи худ) ва ҳуҷҷатҳои заруриро барои санҷиш дар рӯз ва вақти дар огоҳинома пешбинишуда таъмин намояд.

22. Дар ҳолате, ки агар андозсупоранда бо сабабҳои узрнок оғози санҷиши ҳуҷҷатии андозро дар рӯз ва вақти дар огоҳинома пешбинишуда таъмин карда натавонад, уҳдадор аст мақомоти андози санҷишкунандаро дар ин хусус то оғози санҷиши сайёри андоз, вале на дертар аз 5 рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани огоҳиномаи мақоми андози санҷишкунанда (санаи

ворид шудани шакли электронии огоҳинома ба ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ва ё санаи супоридан ба почта), ба таври хаттӣ огоҳ намояд ва ба мақомоти андози санҷишкунанда сана ва вақти барои тарафҳо мувофиқи санҷиши сайёри андозро пешниҳод намояд.

Эзоҳ: Мисол. Ба ҶДММ «Амин» барои гузарондани санҷиши сайёри андоз 1 марти соли 2022 огоҳинома тариқи хаттӣ (электронӣ, тавассути утоқи андозсупоранда) ирсол карда шуда, қайд гардидааст, ки санҷиш дар фаъолияти Ҷамъият 18 марти соли 2022 оғоз мегардад. Санаи қабули огоҳинома санаи дастрас шудан ба андозсупоранда, ҳангоми электронӣ ирсол намудан, санаи ба утоқи андозсупоранда ирсол намудани огоҳинома ҳисобида мешавад. Дар ин маврид:

- агар андозсупоранда барои ба таъхир гузоштани санҷиш ҳолатҳои узрнок надошта бошад, уҳдадор аст, ки дар рӯзи муайяншуда (18 марти соли 2022) барои гузарондани санҷиш мусоидат ва ҳуҷҷатҳоро ба санҷиш пешниҳод намояд. Дар ҳар сурат, мақомоти андоз метавонад дар муҳлати пас аз 10 рӯзи корӣ санҷиши андозро дар фаъолияти ҶДММ «Амин» гузаронад;

- агар ҶДММ «Амин» бо сабабҳои узрнок (бемории бистарии роҳбар ва ё сармуҳосиб, берун аз ҷумҳурӣ қарор доштани роҳбар ва ё сармуҳосиб, рух додани ҳолатҳои фавқулода бо андозсупоранда, ки бо ҳуҷҷат тасдиқ карда мешаванд) муроҷиат намояд, санҷиш метавонад дар сана ва вақти барои тарафҳо мувофиқ таъин карда шавад. Дар ин хусус андозсупоранда на дертар аз 5 рӯз аз санаи гирифтан (дастрас шудан)-и огоҳинома тариқи хаттӣ мақомоти андозро огоҳ менамояд. Дар сурати асоснок набудани муроҷиати ҶДММ «Амин» мақомоти андоз метавонад дар муҳлати пас аз 10 рӯзи корӣ санҷиши андозро дар фаъолияти Ҷамъият гузаронад.

## 5. АСОС БАРОИ ГУЗАРОНДАНИ САНҶИШИ САЙЁРИ АНДОЗ

23. Асос барои гузарондани санҷиши сайёри андоз фармоиш мебошад, ки тибқи замимаи 2 ба Дастурамали мазкур ба имзо расонда мешавад.

24. Дар фармоиш ном ва рақами мушаххаси андозсупоранда, насаб, ном, номи падар ва мансаби санҷишгар, муҳлат ва мақсади санҷиши андоз нишон дода мешаванд.

25. Дар асоси як фармоиш танҳо як санҷиши сайёри андоз гузаронда мешавад, ба истисноии санҷиши амалиётӣ.

26. Кормандони мақомоти андоз, ки санҷиши сайёри андозро мегузаронанд, уҳдадоранд пеш аз оғози санҷиш ба андозсупоранда шаҳодатномаи хизматии худро нишон диҳанд ва бо тартиби муқарраршуда дар дафтари бақайдгирии санҷишҳои субъектҳои хоҷагидорӣ қайди дахлдор гузоранд.

27. Нусхаи аслии фармоиш оид ба гузарондани санҷиши сайёри андоз ба андозсупоранда супорида мешавад. Дар нусхаи фармоиш андозсупоранда дар хусуси он ки бо фармоиш шинос шуда, онро гирифтаст, имзо менамояд.

## 6. МУҲЛАТИ САНҶИШҲОИ АНДОЗ, ТАМДИД ВА МАВҚУФГУЗОРИИ ОН

28. Санҷиши сайёри андоз дар муҳлатҳои зерин гузаронда мешавад, агар дар бандҳои 29 ва 30 Дастурамали мазкур тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад:

1) барои соҳибкорони хурд - то 7 рӯзи корӣ;

2) барои соҳибкорони миёна - то 20 рӯзи корӣ;

3) барои соҳибкорони калон, аз ҷумла:

- барои шахсони ҳуқуқӣ, ки дорои воҳидҳои алоҳида мебошанд ва ғайрирезидентҳое, ки фаъолияташонро ба воситаи муассисаҳои доимӣ амалӣ менамоянд, то 30 рӯзи корӣ;

- барои шахсони ҳуқуқии дорои зиёда аз як маҳалли ҷойгиршавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои андозсупорандагоне, ки дар баҳисобгирии воҳиди сохтории мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба андозсупорандагони калон қарор доранд, то 60 рӯзи корӣ.

29.Тамдиди муҳлати гузарондани санҷиши сайёри андоз барои соҳибкорони хурду миёна манъ аст.

30. Тамдиди муҳлати гузаронданисанҷиши сайёри андоз барои соҳибкорони калон наметавонад аз 30 рӯзи корӣ зиёд бошад.

31. Муҳлати санҷиши андоз дар ҳолатҳои зерин боздошта мешавад:

- агар андозсупоранда ҳуҷҷатҳои ба мавзуи санҷиш алоқамандро пурра пешниҳод накунад;

- агар барои гирифтани иттилоот аз мақомоти салоҳиятдор (ваколатдор)-и давлатии хориҷӣ дар доираи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурат ба миён ояд;

- агар барои гузаронданиэкспертизаи соҳавӣ зарурат ба миён ояд;

- агар тарҷумаи ҳуҷҷатҳои бо забони хориҷӣ пешниҳодшуда муҳлати иловагӣ талаб намояд.

32. Дар асоси фармоиши дахлдори мақоми ваколатдори давлатӣ тамдиди муҳлати санҷиши андоз на зиёда аз як маротиба ва вобаста ба ҳолатҳои дахлдор мавқуфгузории муҳлати санҷиши андоз на зиёда аз ду маротиба иҷозат дода мешавад.

33. Мақомоти андоз нисбати субъектҳои хоҷагидоре, ки фаъолияти онҳо хусусияти мавсимӣ дорад, санҷишҳои андозро дар мавридҳои зерин гузаронда наметавонанд:

- дар хоҷагиҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ дар мавсими киштукор аз 1 апрел то 1 июн ва дар мавсими ҷамъоварии ҳосил аз 1 август то 1 ноябри соли тақвимӣ;

- дар корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз 20 июн то 20 октябри соли тақвимӣ.

## 7. МАҲДУДИЯТ БАРОИ ГУЗАРОНДАНИ САНҶИШИ САЙЁРИ АНДОЗ

34. Гузаронданисанҷишҳои такрорӣ барои давраи санҷидашудаи андоз, ба истисноиҳолатҳои зерин манъ аст:

- дар асоси аризаи хаттии андозсупоранда;

-дар асоси муроҷиати расмии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мавриди андозсупорандае, ки нисбат ба он мавод ва ё парвандаи ҷиноятӣ бо аломатҳои ҷинояти бо андозбандӣ алоқаманд мавҷуд бошанд;

- барои назорати дохилии фаъолияти мақомоти андозе, ки санҷиши сайёри андозиро гузарондааст.

Эзоҳ: Мисоли 1. Дар фаъолияти ҶДММ «Амин» санҷиши сайёри андоз 1 марти соли 2022 ба итмом расида, бо тартиби муқарраргардида оид ба натиҷаи санҷиш қарори дахлдор қабул карда шудааст. Ҷамъият аз натиҷаи санҷиш қисман (пурра) розӣ намебошад. Дар ин ҳолат тибқи талаботи моддаи 159 Кодекси андоз Ҷамъият ҳуқуқ дорад нисбат ба санади санҷишӣ ва қарори аз натиҷаи он қабулгардида ба мақомоти болоии андоз шикоят намояд. Дар ин маврид дар сурати қисман розӣ будан бо натиҷаи санҷиш, мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 161 Кодекси андоз танҳо қисми эътирофгардидаи уҳдадориҳои андозро пардохт менамояд. Мақомоти андоз шикояти Ҷамъиятро баррасӣ намуда, мутобиқ ба меъёрҳои Кодекси андоз санҷиши такрории сайёри андозро дар фаъолияти ҶДММ «Амин» таъин менамояд.

Мисоли 2. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбати ҶДММ «Амин» бо аломатҳои ҷинояти бо андозбандӣ алоқаманд парвандаи ҷиноятӣ оғоз намудааст. Дар ин замина, тибқи дархости асосноки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо замимаи нусхаҳои тасдиққунандаи чунин ҳолат, мақомоти андоз санҷиши такрории сайёри андозро дар фаъолияти андозсупоранда таъин менамояд.

Мисоли 3. Дар фаъолияти ҶДММ «Амин» 1 марти соли 2022 бо тартиби муқарраргардида санҷиши сайёри андоз гузаронда шудааст. Ба мақомоти болоии андоз (бо пешниҳоди гузориши бо ҳуҷҷатҳо асоснокшуда, маълумоти аз мақомоти давлатӣ ва ё субъектҳои дигар дастрасшуда, аз мақомоти андози кишварҳои дигар воридшуда)муайян мегардад, ки дар давраи таҳти санҷиш қарордодашуда, амалиётҳои андозбандишавандаи Ҷамъият пурра ба инобат гирифта нашудаанд, ё ин ки меъёрҳо ва муқаррароти Кодекси андоз нисбат ба амалиётҳои анҷомдодаи Ҷамъият нодуруст татбиқ гардидаанд. Дар ин маврид тибқи фармиши раиси Кумитаи андоз барои назорати дохилии фаъолияти мақомоти андозе, ки санҷиши сайёри андозиро гузарондааст, санҷиши такрории сайёри андоз дар фаъолияти ҶДММ «Амин» таъин карда мешавад.

35. Санҷишҳои такрории сайёри андози мутобиқи банди 34 Дастурамали мазкур амалишаванда бояд танҳо нисбат ба даврае гузаронда шаванд, ки санҷиши сайёри андози охирон гузарондашударо дар бар мегиранд.

## 8. ВОРИДШАВИИ ШАХСИ МАНСАБДОРИ МАҚОМОТИ АНДОЗ БА МАҲАЛЛИ ФАЪОЛИЯТ (БИНОИ МАЪМУРӢ ВА ҲУДУД)-И АНДОЗСУПОРАНДА БО МАҚСАДИ ГУЗАРОНДАНИ САНҶИШИ АНДОЗ

36. Ба шахсони мансабдори мақомоти андоз ворид шудан ба маҳалли фаъолияти андозсупоранда (ба истиснои манзили истиқоматӣ) танҳо дар асоси пешниҳоди фармоиш оид ба гузарондани санҷиш ва пешниҳоди шаҳодатномаи хизматӣ иҷозат дода мешавад.

37. Дар сурати монеъ шудани андозсупоранда ба воридшавии шахси мансабдори мақомоти андоз ба макони фаъолияти худ (ба истиснои манзили истиқоматӣ) шахси мансабдори мақомоти андоз дар ин хусус санад тартиб дода, ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ тибқи замимаи 3 Дастурамали мазкур муроҷиат менамояд. Дар ин сурат воридшавии шахси мансабдори мақомоти андоз дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин карда мешавад.

38. Андозсупоранда дар ҳолатҳои зерин ҳуқуқ дорад ба ворид шудани шахси мансабдори мақомоти андоз ба макони фаъолияти худ барои гузарондани санҷиши андоз иҷозат надиҳад, агар:

- талаботи бобҳои 4-7 Дастурамали мазкур риоя карда нашаванд;
- муҳлати санҷиши дар фармоиш нишондодашуда фаро нарасида ё гузашта бошад;
- шахсони мансабдори мақомоти андоз барои ворид шудан ба маҳалли дорои низоми махсуси махфият рухсатномаи дахлдор надошта бошанд.

## 9. ТАЛАБ НАМУДАНИ ҲУҶҶАТҲО ҲАНГОМИ ГУЗАРОНДАНИ САНҶИШИ АНДОЗ

39. Шахси мансабдори мақомоти андоз, ки санҷиши андозро мегузаронад, ҳуқуқ дорад аз андозсупоранда пешниҳоди ҳуҷҷатҳои алоқаманд ба санҷишро талаб намояд.

40. Дархости шахси мансабдори мақомоти андоз аз андозсупоранда ё шахси ваколатдори он оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳо бо имзои шахсӣ супорида мешавад. Агар ба ин тариқ супоридани дархост барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ғайриимкон бошад, он бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз фиристода мешавад.

41. Ҳуҷҷатҳои талабшуда ба мақомоти андоз дар шаклҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- дар шакли электронӣ тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ё ҳуҷраи шахсии андозсупоранда;
- бо почта бо мактуби фармоишӣ;
- шахсан ё тавассути намоянда.

42. Ҳангоми пешниҳод гардидани нусхаи ҳуҷҷатҳои талабнамудаи мақомоти андоз дар шакли коғазӣ, чунин нусхаҳо бояд аз ҷониби андозсупоранда тасдиқ карда шаванд. Талаби аз ҷониби нотариус тасдиқ кардани нусхаи ҳуҷҷатҳои ба мақомоти андоз пешниҳодшаванда иҷозат дода намешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

43. Ҳангоми дар шакли электронӣ тартиб додани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ андозсупоранда уҳдадор аст дар ҷараёни санҷиши андоз бо талаби шахсони мансабдори андоз нусхаҳои чунин ҳуҷҷатҳоро, ба истиснои ҳисобнома-фактураҳое, ки дар низоми иттилоотии ҳисоботи

электронии ҳисобнома-фактураҳо сабт шудаанд, дар ҳомилҳои коғазӣ пешниҳод намояд.

44. Дар ҳолати зарурӣ мақомоти андоз ҳуқуқ дорад бо ҳуҷҷатҳои аслӣ шинос шавад.

45. Ҳуҷҷатҳои дар ҷараёни санҷиши андоз талабшуда бо риояи талаботи ҳамин боб на дертар аз 1 рӯзи корӣ пас аз санаи гирифтани талабномаи дахлдор пешниҳод карда мешаванд. Агар андозсупоранда дар муҳлати муқарраршуда ҳуҷҷатҳои талабшударо пешниҳод карда натавонад, он дар ин бора шахси мансабдори мақомоти андозро дар шакли хаттӣ хабардор менамояд.

46. Огоҳиномаро дар бораи имконнопазир будани пешниҳоди ҳуҷҷатҳо дар муҳлати муқарраршуда бо нишон додани сабабҳои пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои дархостшуда андозсупоранда бояд дар давоми як рӯзи пас аз гирифтани талабнома оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳо фиристад. Дар огоҳинома бояд мухлате нишон дода шавад, ки андозсупоранда метавонад ҳуҷҷатҳои талабшударо пешниҳод кунад.

47. Дар муҳлати ду рӯз аз лаҳзаи гирифтани огоҳинома аз андозсупоранда мақомоти андоз ҳуқуқ дорад дар асоси ин огоҳинома муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро тамдид кунад ё онро рад намояд.

48. Пешниҳоди ҳуҷҷатҳои талабшударо рад намудани андозсупоранда дар санаде, ки шахси мансабдори мақомоти андоз тартиб додааст, сабт карда мешавад. Санадро шахси мансабдори мақомоти андоз ва андозсупоранда имзо мекунанд. Дар сурати аз имзои санад саркашӣ кардани андозсупоранда сабти дахлдор ворид карда мешавад. Рад кардан ё пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои зикршуда аз ҷониби андозсупоранда барои гирифтани онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи боби 11 Дастурамали мазкур асос мебошад.

49. Дар ҷараёни санҷиши андоз ва чорабиниҳои дигари назоратии андозӣ мақомоти андоз ҳуқуқ надорад аз андозсупоранда ҳуҷҷатҳоро, ки қаблан ба мақомоти андоз ҳангоми назорати камералӣ ё санҷиши сайёр ва ё дар ҷараёни мониторинги андозӣ пешниҳод карда шудаанд, дар шакли аслӣ талаб намояд. Ҳуҷҷатҳо метавонанд аз андозсупоранда такроран гирифта шаванд, агар онҳо қаблан ба мақомоти андоз дар шакли аслӣ ба андозсупоранда баргардонда шуда бошанд, инчунин дар ҳолате, ки ҳуҷҷатҳои ба мақомоти андоз додашуда бо сабаби ҳолатҳои фавқулода гум шуда бошанд.

## 10. ТАРТИБИ ТАЛАБ НАМУДАНИ ҲУҶҶАТҲО ВА МАЪЛУМОТ АЗ ШАХСИ СЕЮМ

50. Шахси мансабдори мақомоти андоз, ки санҷиши андозро мегузаронад, ҳуқуқ дорад аз контрагент ё дигар шахсон ҳуҷҷатҳо ва маълумоти (минбаъд - иттилоот) марбут ба фаъолияти андозсупорандаи санҷидашавандаро талаб кунад.

51. Талаби иттилоот оид ба фаъолияти андозсупорандаи санҷидашаванда ҳангоми баррасии маводи санҷиши андоз дар асоси

қарори мақомоти андоз дар бораи таъини чораҳои иловагии назорати андоз низ метавонад анҷом дода шавад.

52. Мақомоти андозе, ки санҷиши андоз ё дигар чорабиниҳои назоратии андозро мегузаронад, супоришро барои талаб намудани иттилоот оид ба фаъолияти андозсупорандаи санҷидашаванда ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирии шахсе, ки аз вай маълумоти зикршуда талаб карда мешавад, мефиристад.

53. Дар давоми 3 рӯз аз рӯзи гирифтани супориш мақомоти андози маҳалли бақайдгирии контрагент ё дигар шахсоне, ки аз онҳо иттилоот талаб карда мешавад, ба андозсупоранда талабномаро оид ба пешниҳоди маълумот мефиристад.

54. Ба талабнома нусхаи супориш оид ба талаби иттилоот замима карда мешавад.

55. Шахсе, ки оид ба пешниҳоди иттилоот талабнома гирифтааст, онро дар давоми 5 рӯз аз рӯзи гирифтани он иҷро мекунад ё дар ҳамон муҳлат хабар медиҳад, ки он иттилооти талабшударо надорад. Агар андозсупоранда имконияти дар муҳлати муқарраршуда пешниҳод намудани иттилооти талабшударо надошта бошад, мақомоти андоз ҳуқуқ дорад, ки муҳлати пешниҳоди ин итилоотро тамдид кунад.

56. Ҳуҷҷатҳои талабшаванда бо назардошти муқаррароти бандҳои 41, 43 ва 49 Дастурамали мазкур пешниҳод карда мешаванд.

57. Тартиби талаб кардани иттилоот, ки дар ҳамин боб пешбинӣ шудааст, инчунин ҳангоми талаб кардани маълумот нисбат ба андозсупорандагоне, ки ба аъзои гурӯҳи ширкатҳо мансубанд, истифода карда мешавад.

58. Ҳангоми амалӣ намудани назорати андоз мақомоти андоз ҳуқуқ дорад бо роҳи фиристодани талабномаи хаттӣ аз ҳар шахс талаб намояд, ки дар муҳлати 10 рӯз:

- иттилоотро дар бораи даромад ва хароҷоти андозсупоранда барои давраи муайяни андоз, дар бораи хароҷоте, ки бинобар муносибатҳои мутақобила бо андозсупорандаи дар талабнома зикршуда анҷом додааст, пешниҳод намояд, ба истиснои иттилооте, ки дар шакли электронӣ дар барномаҳои мақомоти андоз вуҷуд доранд;

- ба маҳал ва дар муҳлати дар талабнома зикршуда барои дақиқ намудани иттилооте, ки дар мақомоти андоз мавҷуданд ё барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ё иттилооти дигари марбут ба андозбандии ҳамин андозсупоранда ва андозсупорандагони дигар ҳозир шавад.

59. Корманди ваколатдори мақомоти андоз дар ҷараёни санҷиши андоз бо мақсади ҷамъоварии маълумот бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад:

- ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои марбут ба андозбандиро нусхабардорӣ намояд;

- дар асоси санад оид ба гирифтан ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ё ҳуҷҷатҳои дигари марбут ба ҳамин санҷиши андозро гирад;

- ба ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва ҳуҷҷатҳои дигар муҳр гузошта, истифодаи онҳоро ба муҳлати на зиёда аз нисфи муҳлати ин санҷиш манъ намояд.

60. Агар корманди ваколатдори мақомоти андоз ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ё дигар ҳуҷҷатҳоро дар асоси ваколатҳои пешбининамудаи Дастурамали мазкур гирад, мақомоти андоз бояд ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ё дигар ҳуҷҷатҳоро нусхабардорӣ намояд ва нусхаҳои аслии онҳоро дар муҳлати на дертар аз 10 рӯзи корӣ аз санаи гирифтан ба андозсупоранда баргардонад.

61. Ҳангоми талаб кардани ҳуҷҷатҳои марбут ба агентҳои андоз тартиби талаб намудани ҳуҷҷатҳо, ки дар ҳамин боб пешбинӣ шудааст, анҷом дода мешавад.

62. Шахсе, ки оид ба пешниҳоди иттилоот дархост гирифтааст, ҳуқуқ дорад пешниҳод кардани иттиолоотро рад кунад, агар дархост хилофи муқаррароти ҳамин боб бошад.

63. Дар сурати аз ҷониби андозсупоранда иҷро нагардидани талаботи боби мазкур, намояндаи ваколатдори мақомоти андоз ҳуқуқи тибқи муқаррароти боби 8 Дастурамали мазкур дастрасӣ ба бино ва моликияти андозсупорандаро дорад.

## 11. ГИРИФТАНИ ҲУҶҶАТҲО ВА АШЁ

64. Гирифтани ҳуҷҷатҳо ва ашё дар асоси қарори мақомоти андозе, ки санҷишро мегузаронад, ба амал бароварда мешавад.

65. Берун аз реҷаи кории андозсупоранда гирифтани ҳуҷҷатҳо ва ашё манъ аст.

66. Гирифтани ҳуҷҷатҳо ва ашё дар ҳузури шахсони холис ва шахсоне, ки аз онҳо ҳуҷҷатҳо ва ашё гирифта мешаванд, амалӣ карда мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ барои иштирок дар ҷараёни гирифтан мутахассиси соҳавӣ даъват карда мешавад.

67. То оғози расмиёти гирифтани ҳуҷҷатҳо ва ашё шахси мансабдори мақомоти андоз қарор оид ба баамалбарории гирифтани ҳуҷҷатҳо ва ашёро нишон медиҳад ва ба иштирокдор ҳуқуқ ва уҳдадориҳояшро мефаҳмонад.

68. Шахси мансабдори мақомоти андоз ба шахсе, ки аз он ҳуҷҷатҳо ва ашё гирифта мешаванд, пешниҳод менамояд, ки онҳоро ихтиёран супорад ва дар ҳолати рад кардани пешниҳоди мазкур, шахси мансабдори мақомоти андоз бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани онҳоро ба анҷом мерасонад. Ғайр аз ин, андозсупоранда уҳдадор аст:

- дастрасӣ ба иттилоотеро, ки дар дастгоҳи нигоҳдории маълумот ё дар анбори нигоҳдории электронии маълумот (монанд ба анборҳои интернетӣ) нигоҳ дошта шудаанд, аз ҷумла ворид кардани рамз ё асоси дигари тасдиқи дастрасӣ ба дастгоҳ ё воситаҳоро таъмин кунанд;

- дастрасӣ ба иттилооти рамзкушоиро, ки барои рамзгузории маълумоти тибқи банди мазкур дархостшуда зарур аст, пешкаш намояд.

69. Дар сурати саркашӣ намудани шахс аз кушодани биноҳо ё дигар ҷойҳое, ки дар онҷо ҳуҷҷатҳо ва ашёи гирифташаванда ҷойгиранд, барои таъмини дастрасӣ ба чунин ҳудуд ва бино мақомоти андоз, ба мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ ва ё дар ҳолати ба миён омадани зарурат ба суд муроҷиат менамояд.

70. Ҳуҷҷатҳо ва ашёе, ки ба мавзуи санҷиши андоз алоқамандӣ надоранд, гирифта намешаванд.

71. Оид ба гирифтани ҳуҷҷат ва ашё бо дар назар доштани талаботи дар боби 22 Дастурамали мазкур ва ҳамин боб муқарраршуда санад тартиб дода мешавад.

72. Ҳуҷҷатҳо ва ашёи гирифташуда дар санад дар бораи гирифтан ё дар сабтҳои замимашаванда бо дақиқан ишора намудани номгӯ, миқдор, хусусияти хос ва агар имконпазир бошад, арзиши ашё номбар ва тасниф карда мешаванд.

73. Агар барои гузарондани чорабинии назорати андоз нусхаи ҳуҷҷатҳои андозсупоранда кифоя набошад ва мақомоти андоз далели кофӣ дошта бошад, ки ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ нобуд, пинҳон, ислоҳ ё иваз карда мешаванд, шахси мансабдори мақомоти андоз ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳои аслиро бо риояи тартиби муқаррарнамудаи ҳамин боб гирад.

74. Ҳангоми имконнопазир будани нухсабардорӣ ва интиқоли нусхаҳо дар як вақт бо гирифтани ҳуҷҷатҳо, мақомоти андоз нусхаро ба шахсе, ки аз он ҳуҷҷатҳо гирифта шудаанд, дар муҳлати 5 рӯз баъд аз гирифтан бармегардонад.

75. Ҳама ҳуҷҷатҳо ва ашёи гирифташуда ба шоҳидон (шахсони холис) ва дигар иштирокдорон нишон дода мешаванд ва дар ҳолати зарурӣ дар макони гирифтани ҳуҷҷатҳо ва ашё бастабандӣ мешаванд.

76. Ҳуҷҷатҳои гирифташуда бояд рақамгузорӣ, ресмонбандӣ ва бо муҳр ё имзои шахсе, ки аз он ҳуҷҷатҳо гирифта мешаванд, тасдиқ карда шавад. Агар шахс аз имзои ҳуҷҷатҳои гирифташуда бо муҳр ё имзои худ саркашӣ кунад, дар санади гирифтани ҳуҷҷатҳо қайди махсус гузошта мешавад.

77. Нусхаи санад дар бораи гирифтани ҳуҷҷат ва ашё бо имзо ба шахсе, ки аз он ҳуҷҷатҳо гирифта шудаанд, супорида ё ирсол карда мешавад.

## 12. ИШТИРОКИ ШОҲИД

78. Ҳар як шахси воқеии болиғ, ки аз ҳама гуна ҳолатҳои марбут ба амалисозии назорати андоз огоҳ мебошад, ба сифати шоҳид даъват карда мешавад. Баёноти шоҳид дар санад сабт карда мешавад.

79. Баёноти шоҳид метавонад дар маҳалли будубош гирифта шавад, агар он бо сабаби беморӣ ва маъюбӣ ба мақомоти андоз омада натавонад.

80. Музди меҳнати кормандоне, ки ба сифати шоҳид ба мақомоти андоз даъват шудаанд, барои давраи бо ин сабаб дар кор ҳозир набудан, дар ҷойи кори асосӣ нигоҳ дошта мешавад.

## 13. ТАРТИБИ ҶАЛБ НАМУДАНИ МУТАХАССИСОН, КОРШИНОСҲО ВА ТАРҶУМОН БО МАҚСАДИ ГУЗАРОНДАНИ НАЗОРАТИ АНДОЗ ВА ПАРДОХТИ ХИЗМАТИ ОНҲО

81. Бо мақсади гирифтани хулоса дар бораи риояи қонунгузории андоз оид ба саволҳо (амалиётҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ)-и андозсупоранда, ки аз доираи ваколатҳои кормандони мақомоти андоз берун мебошанд, мақомоти андоз бо мақсади расондани кумак дар рафти санҷиш метавонад коршинос ё мутахассисеро, ки оид ба саволи мазкур дониши махсус дорад, ҷалб кунад.

82. Мақомоти андоз дар ҳолатҳои зерин бо мақсади расондани кумак дар ҷараёни гузарондани санҷиш коршинос ё мутахассисро ҷалб менамояд:

- ошкор намудани саркашӣ дар ҷараёни муқоисаи сабтҳо, ҳуҷҷатҳо ва маълумоти воқеӣ доир ба як амалиёт бо сабтҳо, ҳуҷҷатҳо ва амалиётҳои воқеии алокаманд бо дигар амалиётҳо;

- ошкор намудани саркашӣ аз пешниҳоди нишондиҳандаҳои иқтисодии ташкилоти санҷидашаванда бо ташкилотҳои соҳаи шабеҳ барои муқоиса;

- дар ихтиёри андозсупорандаи санҷидашаванда мавҷуд набудани меъёрҳои хароҷоти молу маводи бо тартиби муқаррааргардида тасдиқшуда.

83. Ҳангоми фиристодани дархост ба мақомоти ваколатдор дар бораи равон кардани коршинос ё мутахассис мақомоти андоз дар дархост асос барои таъин намудани коршинос, инчунин саволҳоеро, ки барои онҳо гирифтани хулосаи коршинос (мутахассис) зарур аст, нишон медиҳад.  Ба дархости мақомоти андоз метавонанд маводи ба ихтиёри коршинос (мутахассис) гузошташаванда замима карда шаванд.

84. Саволҳои ба коршинос ё мутахассис гузошташуда ва хулосаи ӯ наметавонанд аз дониши махсуси коршинос ё мутахассис берун бошад. Ҳангоми таъин намудани коршинос мақомоти андоз метавонад дар назди он чунин саволҳоро гузорад:

- муайян намудани аслӣ будани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ, инчунин муносибати шахсони мансабдори андозсупорандаи санҷидашаванда ба барасмиятдарории онҳо;

- муайян намудани нишондиҳандаҳои истифодабарии молҳои арзишнок ва қувваи корӣ дар раванди истеҳсолот (масолеҳғунҷоӣ, меҳнатталабӣ, маҳсулнокии меҳнат);

- муайян намудани нишондиҳандаҳои молу мавод ва аломатҳои ҳаракати молҳо (ном, сифат, навъи мол, мамлакати истеҳсолкунанда);

- муайян намудани сатҳи нархи фурӯши мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) дар бозори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) давлатҳои дигар;

- муайян намудани мутобиқати маҳсулот ба талаботи стандарти давлатӣ;

- анҷом додани андозагирии назоратии ҳаҷми корҳои иҷрошуда, баркашидан ва чен кардани ашёи хом, масолеҳи хом, масолеҳи нимтайёр ва маҳсулоти тайёр;

- муайян намудани бакорандозии назоратии ашёи хом ва маҳсулоти хом дар истеҳсолот;

- гузарондани таҳлили назоратии ашёи хом, молу маҳсулоти тайёр (бо мақсади муқаррар намудани хароҷоти аслии ашёи хом ва молҳо, дурустии аз ҳисоб баровардани ашёи хом ва молҳо дар истеҳсолот, инчунин

муқаррар намудани меъёри хароҷоти онҳо, муқоисаи маълумоти аслӣ ва дохилкардашуда);

- дигар саволҳои ба муоинаи фаъолияти хоҷагидории андозсупорандаи санҷидашаванда алоқаманд.

85. Дар ҳолате, ки андозсупоранда оид ба ҷалб намудани коршинос ва мутахассис муроҷиат менамояд, мақомоти андоз уҳдадор аст асоснокии аризаи андозсупорандаро баррасӣ ва қарори дахлдор қабул намояд. Дар баробари ин, коршинос ё мутахассиси ҷалбшаванда набояд ба натиҷаҳои санҷиш манфиатдор бошад.

86. Мутахассис аз тарафи мақомоти андоз дар ҳолатҳои зерин ҷалб карда мешавад, дар ҳолатҳои:

- муайян намудани хусусияти пешбурди баҳисобгирии муҳосибии андозсупорандаи санҷидашаванда;

- аз ҷониби мақомоти андоз таъин намудани гузарондани барӯйхатгирӣ;

- маслиҳатгирӣ доир ба саволҳои ҷараёни истифодаи технологияи истеҳсолӣ;

- зарурати тарҷумаи ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии андозсупорандаи санҷидашаванда;

- тарҷумаи дархостҳои мақомоти андози давлатҳои дигар ва (ё) ташкилотҳои салоҳиятдори марбута барои гузарондани санҷишҳои мутақобилаи санҷиши гузарондашаванда амалиётҳои хоҷагидории андозсупорандаи санҷидашаванда;

- муқаррар намудани мутобиқати ҳуҷҷатҳои аввалияи андозсупорандаи санҷидашаванда бо таркиби аслии амалиётҳои хоҷагидорӣ.

87. Экспертиза дар асоси шартномаи байни мақомоти андоз ва мақомоти экпертизаро анҷомдиҳанда гузаронда мешавад ва дар он бояд омилҳои зерин пешбинӣ шаванд:

- мухлати гузарондани экспертиза;

- намуд ва хосияти экспертизаи гузарондашаванда;

- саволҳои ба коршинос ё мутахассис вогузоршуда;

- арзиши экспертиза ва тартиби ҷуброни хароҷоти вобаста ба гузарондани он;

- ном, насаб, номи падари мутахассис ва коршинос гузаронд.

88. Экспертиза дар вақте таъин карда мешавад, ки агар барои шарҳдиҳии саволҳои бавуҷудомада дониши махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ё ҳунар зарур бошад. Дониши махсус доштани шахси мансабдори мақомоти андоз аз ҷалби коршиноси тахассусӣ озод намекунад.

89. Саволҳои дар назди коршинос гузошташуда ва хулосаи ӯ наметавонанд берун аз доираи дониши махсуси коршинос бошанд.

90. Қарор дар бораи таъин кардани экспертиза аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси дархости шахси мансабдоре, ки санҷиши андозро мегузаронад, қабул карда мешавад.

91. Дар қарор асосҳои таъин шудани экспертиза, номи ташкилоте, ки бояд экспертиза гузаронад ё насаб, ном (номи падар)-и коршинос, саволҳо

ва маводи ба коршинос пешниҳодшуда нишон дода мешаванд. Коршинос ҳуқуқ дорад бо маводи санҷиш марбут ба мавзуи экспертиза шинос шавад ва дар хусуси ба он пешниҳод гардидани маводи иловагӣ дархост кунад.

92. Аз натиҷаи экспертизаи гузарондашуда аз ҷониби мутахассис ва коршинос, ки онро гузарондаанд, хулоса тартиб дода мешавад. Хулоса бо тамоми мавод ба мақомоти андози санҷишро гузаронанда барои ба санади санҷиши ҳамроҳ намудан равона карда мешавад. Ба санади санҷиши хулоса ва ҳама ҳисобҳотҳо, протоколҳои пурсиш (баёноти хаттӣ), ки шахсони ваколатдор ва масъулияти молидошта (ҳисоботдеҳ) дар асоси хулосаи коршинос анҷом дода шудаанд ва амалҳо (беамалӣ)-и онҳо сабаби вайронкунии қонунгузории андоз ва дигар қонунгузорӣ гаштааст, замима карда мешаванд. Коршинос хулосаро дар шакли хаттӣ пешниҳод менамояд. Дар хулоса таҳқиқоти коршинос, хулосаҳо ва ҷавобҳои асоснокшуда ба саволҳои гузошташуда дарҷ карда мешаванд.

93. Коршинос ҳуқуқ дорад пешниҳоди хулосаро рад кунад, агар маводи ба он пешниҳодшуда барои додани хулосаи асоснок кифоя набошанд.

94. Шахси мансабдори мақомоти андоз, ки санҷиши андозро мегузаронад, андозсупорандаро бо қарор дар бораи таъин кардани экспертиза шинос мекунад, ҳуқуқҳои дар банди 95 Дастурамали мазкур муқаррарнамударо шарҳ дода, санад тартиб медиҳад.

95. Ҳангоми таъин ва гузарондани экспертиза андозсупоранда ҳуқуқ дорад:

- таъин намудани коршиносро аз байни шахсони зикргардида талаб кунад;

- дар ҷараёни экспертиза ба коршинос саволҳои иловагӣ пешниҳод кунад;

- бо иҷозати шахси мансабдори мақомоти андоз дар ҷараёни экспертиза ҳузур дошта, ба коршинос тавзеҳот диҳад;

- бо хулосаи коршинос шинос шавад;

- ба далелҳои коршинос ҷавоб гардонад;

- дар бораи хулосаи экспертиза фикру ақидаи асоснок пешниҳод намояд.96. Иштироки шахс ба сифати коршинос ё мутахассис имконияти пурсиши онро вобаста ба ҳамин ҳолатҳо ҳамчун шоҳид истисно намекунад.

97. Коршинос ва мутахассисе, ки мақомоти андоз дар ҷараёни ҷалб кардааст, бояд махфияти маълумоти марбут ба экспертизаро дар баробари корманди мақомоти андоз таъмин намояд.

98. Дар ҳолатҳои зарурӣ дар ҷараёни гузарондани санҷиш метавонад тарҷумон ҷалб карда шавад.

99. Ба сифати тарҷумон шахсе ҷалб карда шавад, ки ба натиҷаи санҷиш манфиатдор намебошад, забони барои тарҷума зарурро медонад ё ишораҳои шахсони воқеии гунг ва ё ношунаворо мефаҳмад.

100. Ҷалби шахс ба сифати тарҷумон дар асоси шартнома байни мақомоти андоз ва тарҷумон амалӣ карда мешавад.

101. Тарҷумон уҳдадор аст, ки тибқи даъвати шахси мансабдори мақомоти андоз ҳозир шавад ва тарҷумаи ба он вогузоршударо дақиқан анҷом диҳад.

102. Тарҷумоне, ки мақомоти андоз ҷалб кардааст, бояд махфияти маълумоти марбут ба санҷишро дар баробари корманди мақомоти андоз таъмин намояд.

## 14. ИШТИРОКИ ШАХСИ ХОЛИС

103. Барои иштирок дар амалҳо оид ба гузарондани назорати андоз дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси андоз шахси холис ҷалб карда мешавад.

104. Шахсони холис бо теъдоди на камтар аз ду нафар ҷалб карда мешаванд.

105. Ба сифати шахси холис метавонанд ҳама гуна шахсони воқеии болиғ, ки ба натиҷаи кор манфиатдор намебошанд, ҷалб карда шаванд.

106. Ба сифати шахси холис иштирок намудани шахсони мансабдори мақомоти андоз манъ аст.

107. Шахсони холис уҳдадоранд дар санад далел, муҳтаво ва натиҷаҳои амалҳоеро, ки дар ҳузури онҳо иҷро карда шудааст, тасдиқ намоянд.

108. Шахсони холис ҳуқуқ доранд оид ба амалҳои анҷомёфта эрод гиранд, ки он дар санад дарҷ карда мешавад.

109. Дар ҳолати зарурӣ шахсони холис вобаста ба ҳолатҳои муайяншуда пурсиш карда мешаванд.

110. Шахсони холисе, ки барои иштирок дар амалҳо оид ба гузарондани назорати андоз ҷалб карда мешаванд, бояд махфияти маълумоти марбут ба экспертизаро дар баробари корманди мақомоти андоз таъмин намоянд.

## 15. ТАЛАБОТИ АСОСӢ ОИД БА ОМОДА ВА ТАШКИЛ НАМУДАНИ САНҶИШҲОИ АНДОЗ

111. Барои гузарондани санҷиш бояд корҳои омодагӣ ба санҷиш анҷом дода шаванд, ки дар ҷараёни онҳо санҷишгарон уҳдадоранд:

- бо истифода аз барномаҳои системаи иттилоотии андоз бо мақсади муайян намудани манбаҳо ва дигар объектҳои андозбандӣ, инчунин нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти хоҷагӣ-молиявии андозсупоранда, эъломияҳо (ҳисобҳо)-и андоз ва тавозунҳо (ҳисобот)-и муҳосибии аз ҷониби андозсупоранда ба нозироти андоз пешниҳодшударо барои давраи таҳти санҷиш қарор додашаванда таҳлил намоянд;

- асоснокии имтиёзҳои андозии истифодашуда ва набудани хатоҳои арифметикиро дар эъломияҳо (ҳисоб)-и пешниҳоднамудаи андозсупоранда санҷанд;

- санадҳои меъёрии ҳуқуқиро оид ба ташкили фаъолияти хоҷагӣ ва баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозӣ, муайян намудани манбаи андоз ва ҳисоб намудани андозҳое, ки бо фаъолияти андозсупорандаи санҷидашаванда, инчунин хатоҳои хоси ошкорнамудаи мақомоти андоз дар доираи фаъолияти мазкур алоқамандро омӯзанд;

- бақайдгирии дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ, системаҳои компютерии махсус, дастгоҳи чиптадиҳанда, чиптаҳои даромад ва дигар барномаҳоро омӯзанд;

- аз феҳристи ягонаи давлатии андозсупорандагон маълумоти зарурӣ, аз ҷумла оид ба муассисон, сармояи оинномавӣ ва маълумоти дахлдори дигарро омода намоянд;

- маълумотнома (ахбор) оид ба даромади шахсони воқеӣ пешниҳодгардидаро омӯзанд.

112. Санҷишгарон дар асоси таҳлили маълумоти ҷамъоваришуда барномаи санҷишӣ омода намуда, номгӯйи масъалаҳои иловагии санҷидашавандаро пешбинӣ менамоянд.

113. Ҳангоми ба санҷиш равон кардани гурӯҳи санҷишгарон (зиёда аз 2 нафар) роҳбари гурӯҳ дар асоси барномаи санҷиш байни санҷишгарон масъалаҳои мушаххас ва (ё) давраҳои санҷишро тақсим мекунад. Ба ғайр аз ин, вобаста ба соҳа ва самти фаъолияти адозсупоранда шахси мансабдори мақомоти андоз метавонад оид ба ташкили самаранокии санҷиш дигар барнома (нақша)-и санҷиш омода намояд.

114. Дар ҳолатҳое, ки санҷиш бо қарори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё дар асоси санад (қарор)-и судӣ гузаронда мешавад, номгӯйи масъалаҳои дақиқи санҷидашаванда бо мақомоти санҷишро таъинкунанда мувофиқа карда мешавад.

115. Ҷалб намудани кормандони мақомоти андоз барои иҷро намудани уҳдадориҳое, ки тибқи санадҳои меъёрии хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи онҳо вогузор нашудааст, манъ аст.

## 16. ТАРТИБИ ГУЗАРОНДАНИ САНҶИШИ САЙЁРИ АНДОЗ

116. Пеш аз оғоз ва дар рафти гузарондани санҷиш санҷишгар бояд:

- андозсупорандаро оид ба оғози санҷиши сайёри андоз хабардор намояд;

- ба андозсупоранда худро шинос кунад;

- ба андозсупоранда шаҳодатномаи хизматӣ ва фармоиш барои гузарондани санҷишро барои шиносоӣ бо гузоштани имзо нишон диҳад;

- дар дафтари бақайдгирӣ пеш аз оғоз ва баъд аз анҷоми санҷишҳо қайдҳои лозима гузошта, бо имзои худ тасдиқ кунад.

117. Аз ҷониби андозсупоранда дар нусхаи фармоиш қайд оид ба гирифтани он гузошта мешавад. Санаи ба андозсупоранда додан (супоридан)-и фармоиш дар бораи гузарондани санҷиши сайёри андоз, санаи равон намудани он ба воситаи почта ва ё утоқи андозсупоранда ва ё санаи оғози санҷиш ба ҳисоб меравад.

118. Ҳангоми санҷиш ҳуқуқ ва уҳдадориҳои андозсупоранда фаҳмонда мешаванд.

119. Санҷишгар дар марҳилаи ибтидоии санҷиши сайёри андоз нисбати фаъолияти андозсупоранда тибқи маълумоти барномаҳои иттилоотии мақомоти андоз ва дигар сарчашмаҳо ахбори зарурӣ, аз ҷумла намудҳои фаъолият, дурустии суроғаи ҳуқуқии фаъолият, мавҷудияти воҳидҳои алоҳида, шумораи кормандон ва фонди музди меҳнат, сиёсати баҳисобгирӣ, тартиби пешбурди ҳисобдории муҳосибию андозӣ ва дигар маълумотеро, ки барои гузарондани санҷиши сайёри андоз зарур мебошанд, омода менамояд.

120. Санҷишгар тибқи талабот ва бо риояи тартиби муқарраргардида аз андозсупорандаи таҳти санҷиш қарордошта, мақомоти давлатӣ, дигар субъектҳои хоҷагидор маълумоти барои санҷиш зарурииро, ки ба фаъолияти андозсупоранда алоқамандӣ доранд, талаб намоянд.

121. Шахсе, ки ба он дархост оид ба пешниҳоди маълумот ва (ё) ҳуҷҷатҳо ирсол карда шудааст, уҳдадор аст на дертар аз 5 рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани дархости зикргардида ба шахси ваколатдори мақомоти андоз маълумоти номбаршудаи қайдгардида ва (ё) ҳуҷҷатҳоро диҳад ё ирсол намояд, ё оид ба мавҷуд набудани маълумот ва (ё) ҳуҷҷатҳои талабшуда хабар диҳад. Нусхаи ҳуҷҷатҳои талабшуда ба мақомоти андоз бо тасдиқи андозсупоранда пешниҳод карда мешаванд. Дар ҳолати ғайриимкон будани пешниҳоди нусхаҳо, ҳуҷҷатҳои аслӣ пешниҳод карда мешаванд.

122. Ҳуҷҷатҳои бо забонҳои хориҷӣ барои санҷиш пешниҳодшаванда бояд тарҷумаи забони давлатӣ бо таври нотариалӣ тасдиқшуда дошта бошанд.

123. Аз ҷониби андозсупоранда рад намудани талаботи мақомоти андоз ҳангоми гузарондани санҷиши маълумот, ҳуҷҷатҳо ва ё пешниҳод накардани онҳо дар муҳлати муқарраргардида боиси татбиқ карда шудани чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд.

124. Санҷиши сайёри андоз, чун қоида, дар рӯзи корӣ, дар вақти корӣ ва дар маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда гузаронда мешавад. Дар сурати мутобиқ наомадани низоми кории андозсупоранда бо низоми кории мақомоти андоз ё мавҷуд набудани бино ва (ё) шароит барои ҷойгир намудани санҷишгарон санҷиш дар бинои мақомоти андоз гузаронда мешавад.

Эзоҳ: Мисол. Дар фаъолияти ҶДММ «Амин» тибқи фармоиши роҳбари мақомоти андоз гузарондани санҷиши сайёри андоз таъин гардидааст. Муҳлати гузарондани санҷиш ба вақти кории Ҷамъият мувофиқ нест ё Ҷамъият бинобар сабаби надоштани бино ва шароит барои гузарондани санҷиш имконият фароҳам оварда наметавонад. Дар ин маврид санҷиш метавонад дар бинои маҳалли ҷойгиршавии мақомоти андоз гузаронда шавад.

125. Ҳангоми гузарондани санҷиш дар бинои хизматии мақомоти андоз қабул ва баргардондани ҳуҷҷатҳои барои санҷиш пешниҳоднамудаи андозсупоранда аз ҷониби санҷишгарон танҳо дар шакли батартибдаровардашудаи парвандаҳо, ки варақаҳояш рақамгузорӣ шудаанд, амалӣ карда мешавад.

126. Баргардондани ҳуҷҷатҳо ба андозсупоранда (намояндаи он) танҳо баъд аз анҷоми санҷиши сайёри андоз дар асоси санади қабул ва баргардондани ҳуҷҷатҳо тибқи замимаи 6 ба Дастурамали мазкур амалӣ карда мешавад.

127. Эъломияҳо (ҳисобот)-и иловагии (ислоҳотии) андоз, ки дар давраи гузарондани санҷишҳои андоз аз ҷониби андозсупоранда барои давраи таҳти санҷиш қарордошта ва ё ба ҳамин давраи санҷиш алоқаманд ба мақомоти андоз пешниҳод карда мешаванд, ҳангоми хулосабарорӣ аз натиҷаи санҷиш ва тартиб додани санади санҷишӣ, ба инобат гирифта намешаванд.

128. Дар сурати пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби андозсупоранда бо истифодаи барномаҳои компютерӣ, санҷишгар ҳуқуқ дорад аз андозсупоранда пешниҳод намудани нусхаи ҳуҷҷатҳои муҳосибиро дар ҳомилҳои электронӣ ва коғазӣ бо имзои сармуҳосиб (муҳосиб)-и ташкилот ё соҳибкори инфиродӣ талаб намояд.

129. Бо розигии санҷишгарон санҷиши сабтҳои муҳосибии андозсупоранда метавонад бо махзани маълумоти компютерии андозсупоранда гузаронда шавад, ба шарте ки намояндагони андозсупоранда санҷишгарро бо дастурамали истифодабарии системаҳои автоматикунонидашудаи маълумот, инчунин бо хусусиятҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозии дар системаҳои автоматонидашудаи маълумот мавҷудбуда шинос кунанд.

130. Ҳангоми гузарондани санҷиши сайёри андоз (ба истиснои ҳолатҳои тартиб додани санади фосилавии санҷиш), новобаста аз масъалаҳои дар барномаи санҷиш дохилшуда, масъалаҳои зерин таҳти санҷиш қарор дода мешаванд:

- берун аз маҳалли асосии фаъолият нуқтаҳои дигари фаъолият доштани субъекти таҳти санҷиш қарордодашуда;
- ҷавобгӯ будани сиёсати баҳисобгирии (усули пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ)-и андозсупоранда ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ва аз ҷониби андозсупоранда риоя карда шудани он;
- мутобиқатии маълумоти феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ бо нишондиҳандаҳои ҳисобдории муҳосибӣ ва эъломияҳои андоз;
- ба таври дахлдор ба расмият дароварда шудани ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ;
- мавҷудияти ҳуҷҷатҳои аввалияи ба феҳристи баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозӣ вориднагардида тибқи сабт дар феҳристи мазкур, ки бо ҳуҷҷатҳои аввалия тасдиқ нашудаанд;
- дуруст муайян шудани арзиши аслии молҳо (иҷрои кор ва хизматрасонӣ)-и истеҳсолшуда ва фурӯхташуда;
- дуруст муайян шудани маблағи савдо аз фурӯши молҳо (иҷрои кор ва хизматрасонӣ);
- дурустии инъикоси амалиётҳо оид ба даромадҳо ва хароҷоти ғайрифурӯшӣ;

- ҳисоббаробаркунӣ бо таҳвилгарон, харидорон, дебиторону кредиторони дигар ва асоснокии ба вуҷуд омадани он, мавҷудияти аз ҳисоб баровардани қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ;

- дуруст даромад карда шудани воситаҳои асосӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, молҳои қиматбаҳо, ҳисоб шудани фарсудашавӣ ва тибқи қонунгузории амалкунанда азнавбаҳогузорӣ шудани онҳо;

- асоснокии аз ҷониби андозсупоранда истифода намудани имтиёзҳои андоз;

- ҳолатҳои дигари ба санҷиши сайёри андоз алоқаманд, ки дурустии баррасии онҳо самаранокии натиҷаи сайёри санҷиши сайёри андозро таъмин менамояд.

131. Ҳангоми санҷиши соҳибкори инфиродӣ ҳатман ҳамаи эъломияҳо ва маълумоте, ки аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ дар давраи ҳисоботӣ ба мақомоти андоз пешниҳод шудаанд, санҷида мешаванд.

132. Ҳангоми санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигари андозсупоранда, ки ба ваколати мақомоти андоз вогузор шудааст, санҷишгарон бояд муқаррар намоянд:

- андозсупоранда кай ва дар кадом мақомоти давлатӣ бақайдгирии давлатиро гузаштааст, оё аз ҷониби андозсупоранда дар хусуси тағйир ёфтани маълумот дар аризаи баҳисобгирӣ дар мақомоти андоз (барои шахсоне, ки ба қайд гузоштани онҳо дар мақомоти андоз бо ариза амалӣ карда мешавад), дигар маълумоти пешбининамудаи қонунгузорӣ хабар дода шудааст;

- сари вақт ва пурра бо тартиби муқарраргардида пурра намудани сармояи оинномавӣ, мутобиқати арзиши дороиҳои софи андозсупоранда ба андозаи камтарини сармояи оинномавӣ;

- доштани иҷозатномаи дахлдор барои амалисозии намудҳои муайяни фаъолияте, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалисозии онҳо иҷозатнома лозим аст;

- талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳисоббаробаркунӣ тавассути пули нақд риоя карда мешаванд;

- қоидаҳои муқарраргардидаи тартиби истифодаи дастгоҳи назоратӣ-хазинавӣ ва дигар системаҳои махсуси компютерӣ ҳангоми фурӯши мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ риоя карда шудаанд, ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунандаи мол, ҳуҷҷатҳои қабул (ворид) ё додани мол, кор ва хизматрасонӣ тартиб дода шудаанд;

- тартиби баҳисобгирӣ ва истифодабарии варақаҳои ҳисоботи қатъӣ риоя гардидааст;

- оё андозсупоранда ҳуқуқи истифодаи варақаҳои ҳисоботи қатъиро вобаста ба амалиётҳои алоҳида дошт;

- риояи талаботи қонунгузорӣ, ки тартиби махсусро барои ворид намудан ва гардиши гурӯҳҳои алоҳидаи молу маводи қиматбаҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- риояи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар мавриди анҷом додани содирот ва воридоти молҳо;

- риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба истеҳсол, гардиши машрубот, маҳсулоти ғайриғизоии спиртдор, спирти этилии ғайриғизоӣ, ашёи хоми тамоку ва маҳсулоти тамоку;

- риояи тартиби муқарраргардидаи ҳисоб намудан ва гузарондани пардохтҳо ба фондҳои мақсадноки давлатӣ.

## 17. ХУСУСИЯТИ САНҶИШИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН ҲАНГОМИ АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ Ё БАРҲАМДИҲИИ ОНҲО

133. Ҳангоми азнавташкилдиҳии андозсупорандагон (ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, барҳамдиҳӣ) на дертар аз 20 рӯзи корӣ баъди аз ҷониби мақомоти андоз гирифтани ариза санҷиши маҷмуии андоз таъин карда мешавад.

134. Нисбати соҳибкори инфиродие, ки дар асоси патент фаъолият мекунад, ба ҷойи санҷиши сайёри андоз аз ҷониби мақомоти андози дахлдор муқоисаи маблағҳои пардохташуда гузаронда мешавад.

135. Санҷиши сайёри андоз танҳо нисбати давраи қаблан мавриди санҷиши маҷмуӣ қарорнагирифта гузаронда мешавад.

136. Ба мақоми ваколатдор (бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти бақайдгирии ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул, мақомоти идораи захираҳои замин, мақомоти гумрук) дархост оид ба пешниҳоди маълумот оид ба бақайдгирии молу мулки манқул ва ғайриманқул, бақайдгирии истифодабарии қитъаҳои замин, оид ба амалиётҳои воридотию содиротӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби ҳатмӣ равон карда мешавад. Инчунин дархостҳо ба бонкҳо ва ташкилотҳое, ки баъзе амалиётҳои бонкиро анҷом медиҳанд, барои пешниҳоди маълумот оид ба бақия ва гардиши маблағи пулӣ дар суратҳисобҳо фиристода мешаванд. Ҳангоми барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ баъд аз иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, ки аз натиҷаи санҷиши сайёри андоз ба амал меоянд, суратҳисобҳои бонкӣ вобаста ба барҳамдиҳии андозсупоранда баста мешаванд.

137. Дар сурати азнавташкилдиҳии андозсупоранда бе барҳамдиҳии андозсупорандаи мавриди азнавташкилдиҳӣ қароргирифта (дар шакли тақсимшавӣ ва азнавташкилдиҳӣ) санҷиш аз ҷониби мақомоти андоз гузаронда мешавад.

138. Санҷиши андозсупорандагон - ворисони ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар қисмати фаъолияти андозсупорандагони азнавташкилёфта, бо тартиби нақшавӣ гузаронда мешавад. Санади санҷишии андоз тартиб дода шуда, ба роҳбари андозсупоранда - ворисиҳуқуқӣ супорида мешавад. Баровардани қарор оид ба санади санҷишӣ, супоридани он ва ситонидани маблағи андозҳо дар асоси Дастурамали мазкур ва дигар санадҳои қонунгузорӣ, ки масъалаҳои вобаста ба андозро танзим мекунанд, амалӣ карда мешавад.

139. Ҳангоми аз ҷониби соҳибони молу мулк (муассисон, иштирокчиён) ё мақомоти шахси ҳуқуқӣ, мақомоти ваколатдор (шартномаи муассисӣ), соҳибкори инфиродӣ ё худи хоҷагӣ, ё мақомоти бақайдгирӣ қабул намудани қарор оид ба бараҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ,

қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, инчунин дар ҳолати оғоз намудани истеҳсолоти парванда оид ба муфлисшавии шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, кормандони мақомоти андоз уҳдадоранд санҷиши сайёри андози шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродиро гузаронанд. Ҳангоми оғоз ёфтани парванда оид ба муфлисшавӣ мақомоти андоз дар давоми 20 рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани таъиноти суд доир ба оғози истеҳсолоти парванда оид ба муфлисшавӣ объектҳои андозбандии ба қарздор тааллуқдоштаро барои бо тартиби муқарраргардида изҳор намудани талаботи кредитор хабар медиҳад.

140. Санади санҷишӣ ва қарор аз натиҷаи санҷиш ба шахси ҳуқуқӣ ва ба соҳибкори инфиродӣ дода (фиристода) мешавад. Дар мактуб ба номи раиси комиссияи барҳамдиҳӣ (барҳамдиҳанда), соҳибкори инфиродӣ ё сардори муваққатии зиддибуҳронӣ фиристодашаванда талабот оид ба пардохти андозҳо, пеняҳо доир ба санади санҷишӣ, инчунин қарзҳои қаблан ташкилёфта ва дар варақаи ҳисоббаробаркунии шахсӣ мавҷудбуда арзёбӣ карда мешавад.

141. Мақомоти андоз уҳдадор аст, то анҷом ёфтани муҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои талаботи аризаи кредиторҳо ба шахсони ҳуқуқии барҳамхӯранда (шахсе, ки нисбати он қарор оид ба оғоз гардидани истеҳсолоти барҳамхурӣ) қарор оид ба санади санҷишӣ ва талабот доир ба пардохти андозҳо, пеняҳоро супорад.

142. Ҳангоми ба мақомоти андоз ворид гардидани маълумот доир ба гирифтани даромад дар давраи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби шахси воқеӣ, ки вазъи ҳуқуқии соҳибкори инфиродиро дар натиҷаи қатъ намудани фаъолият гум кардааст, ҳангоми ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳо бо риояи муҳлати даъвое, ки дар Кодекси андоз пешбинӣ шудааст, санади санҷишии шахси воқеӣ нисбати фаъолияти қатъшудаи он тартиб дода шуда, нисбат ба он қарор бароварда мешавад.

143. Қарзи андозии шахси ҳуқуқии барҳамхӯранда, ки аз ҳисоби маблағҳои пулии он, аз ҷумла аз фурӯши молу мулки он бадастомада, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйпӯш карда мешавад.

144. Баъди анҷоми санҷиши сайёри андоз ва пурра пӯшонидани қарзҳои андоз шахси ҳуқуқии барҳамхуранда дар як вақт ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии худ тавозуни барҳамхӯриро пешниҳод менамояд.

145. Пардохти андозҳо аз ҷониби соҳибкори инфиродии фаъолияти худро қатъкунанда, дар як вақт бо пешниҳод намудани ҳисоботи андозии барҳамхурӣ ба мақомоти андоз амалӣ карда мешавад.

146. Санҷиши сайёри андоз бояд на дертар аз 3 рӯзи корӣ баъд аз гирифтани аризаи соҳибкори инфиродии фаъолияти худро қатъкунанда аз ҷониби мақомоти андоз оғоз карда шавад.

## 18. УСУЛҲОИ АСОСИИ ГУЗАРОНДАНИ САНҶИШИ САЙЁРИ АНДОЗ

147. Дар ҷараёни санҷиш метавонад усули санҷиши ҳуҷҷатӣ ва усули санҷиши воқеӣ истифода шавад.

148. Истифодаи усули санҷиши ҳуҷҷатиро санҷишгарон бо роҳҳои зерин амалӣ менамоянд:

- омӯзиши низоми амалкунандаи баҳисобгирии дохилихоҷагии андозсупорандаи санҷидашаванда, назорат ва таҳлили иқтисодӣ;
- санҷиши ҳуҷҷатҳо бо мақсади муқаррар намудани риояи талаботи қонунгузорӣ оид ба амалиётҳои гузарондашудаи молиявӣ-хоҷагӣ;
- таҳлили ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ бо мақсади муайян намудани аслӣ будан, мансубият ва мувофиқати онҳо тибқи талаботи муқарраргардида;
- муқоисаи маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозӣ бо маълумоти ҳисоботӣ, маълумоти баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ бо маълумоти нақшавии дахлдор (смета, тавозуни даромадҳо ва хароҷот);
- муқоисаи сабти ҳуҷҷатҳо ва маълумоти воқеӣ доир ба як амалиёт бо сабти ҳуҷҷатҳо ва маълумоти воқеии ба онҳо алоқаманди дигар амалиёти андозсупорандаи санҷидашаванда ва (ё) бо сабти ҳуҷҷатҳо ва маълумоти воқеии аз дигар шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ гирифташуда;
- дар ҳолатҳои зарурӣ муқоиса намудани маълумотномаи бонкӣ доир ба суратҳисобҳои ҷорӣ (ҳисоббаробаркунӣ, суратҳисобҳои хориҷӣ) бо сабтҳои аслӣ доир ба ин суратҳисобҳо дар бонк, инчунин бо роҳи шинос шудан бо ҳуҷҷатҳое, ки барои дохил намудани сабтҳои номбаршуда ҳамчун асос хизмат мекунанд, барои муқоисаи онҳо бо нусхаҳои дар дасти андозсупорандаи санҷидашаванда мавҷудбуда.

149. Истифодаи усули санҷиши воқеиро санҷишгарон бо роҳҳои зерин амалӣ менамоянд:

- муқоисаи сабтҳои дар дасти андозсупорандаи санҷидашаванда мавҷудбуда, ҳуҷҷатҳо бо маълумоти ҳуҷҷатӣ, ки дар дасти андозсупорандаи дигар мавҷуданд, инчунин муқоисаи маълумоти ҳуҷҷатҳои аз ҷониби андозсупоранда пешниҳодгардида бо маълумоти дар дигар нусхаи ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи андозсупоранда инъикосёфта, ки дар воҳидҳои гуногуни андозсупорандаи санҷидашаванда ё андозсупорандагони дигар мебошанд;
- муқоисаи нусхаи ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, ки дар дасти андозсупорандаи санҷидашаванда мавҷуданд, бо ҳуҷҷатҳои пардохтии дар бонк нигоҳ доштташаванда бо тартиби муқарраргардида;
- муоинаи ҳудуд ё бинои андозсупоранда, ки барои амалӣ намудани фаъолият истифода мешаванд (дигар шахси ваколатдор), муоинаи объектҳои андозсупоранда;
- ченкунии назоратии ҳаҷми корҳои иҷрошуда;
- баркашидан ва чен кардани ашёи хом, молҳо, маҳсулоти нимтайёр ва тайёр;
- таъин намудани барӯйхатгирии бино, иншоот, молу мулки дигари андозсупоранда;
- назорати ашёи хом ва молҳо дар истеҳсолот, таҳлили назоратии ашёи хом, молҳо ва маҳсулоти тайёр барои муқаррар намудани хароҷоти аслии ашёи хом ва молҳо, дурустии азҳисоббарории ашёи хом ва молҳо дар

истеҳсолот, инчунин муқаррар намудани меъёри хароҷоти онҳо, муқоиса намудани маълумоти воқеӣ ва дохилкардашуда;

- санҷидани пурра даромад кардани молҳои тайёр, риояи меъёрҳои камшавии муқаррарӣ ҳангоми нигоҳдорӣ, боркашонӣ ва таҳвили молҳо ва молҳои қиматбаҳо;

- ташкил намудани дидбонгоҳҳои андоз;

- хариди назоратии молҳо бо тартиби муқарраргардида.

150. Санҷишгар бо дар назар доштани барномаи санҷиш, ҳолати баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозӣ, инчунин дигар масъалаҳое, ки ҳангоми таҳлили ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозии андозсупорандаи санҷидашаванда ба вуҷуд меоянд, мустақилона татбиқ намудани усули санҷишро муайян мекунад.

## 19. ТАРТИБИ АМАЛӢ (ИСТИФОДА) НАМУДАНИ УСУЛҲОИ ДИГАРИ САНҶИШ

151. Санҷиши ҳуҷҷатҳо метавонад бо ду усул амалӣ карда шавад:

- усули санҷиши пурра, ки дар ҷараёни он манбаи андози муайяннамудаи андозсупоранда дар давраи санҷиш бо роҳи таҳлили ҳамаи амалиётҳои хоҷагӣ ва ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки бо онҳо ин амалиётҳо ба расмият даровarda шудаанд, пурра санҷида мешавад;

- усули санҷиши интихобӣ, ки дар ҷараёни он як қисми ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) андозӣ, ки бо тасдиқи амалиётҳои молиявию хоҷагии гузарондаи андозсупоранда ба расмият дароварда шудаанд, таҳлил карда мешаванд.

152. Ҳангоми гузарондани санҷиши интихобӣ бо мақсади ошкор намудани номутобиқатӣ ва рад кардани нишондиҳандаҳои вобаста ва минбаъд ошкор сохтани сабабҳои пайдо шудани онҳо санҷишгар таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодиро, ки паҳлуҳои мухталифи фаъолияти тиҷоратии андозсупорандаро инъикос мекунанд, татбиқ менамояд.

153. Агар дар рафти санҷиши интихобӣ қонунвайронкуниҳои андоз муқаррар карда шаванд, дар ин сурат аз ҷониби санҷишгарон масъалаи мувофиқи мақсад будани гузарондани санҷиш бо усули пурра ҳал карда мешавад.

154. Барои муқаррар намудани дурустӣ ва мувофиқи мақсад будани амалиётҳои хоҷагӣ, сабтҳои алоҳидаи баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳуҷҷатҳои аввалия назорат ва далелҳои ғайриодӣ ва нодуруст инъикосёфтаи фаъолияти хоҷагӣ ошкор карда мешаванд, инчунин сабабҳои роҳ додан ба хатоҳо ва риоя накардан муайян карда мешаванд, риояи қоидаҳои баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагӣ аз ҷониби андозсупоранда санҷида мешавад. Таҳлили мазмуни аломатҳои берунӣ ва дохилии ҳуҷҷатҳои аввалия ва баҳисобгирии муҳосибӣ бо мақсади санҷиши амалиётии асосии хоҷагӣ (санҷиши амалиётҳои ҳақиқии иҷрошуда, ошкор намудани амалиётҳои бе мол иҷрошуда, санҷиши арифметикӣ (баҳогузорӣ) амалӣ карда мешавад.

155. Санҷиши ҳисоботи арифметикӣ (азнавҳисобкунӣ) бо мақсади тасдиқи дурустии математикии сарчашмаи ҳуҷҷатҳо ва сабтҳои муҳосибӣ

бо усули пурра ё интихобӣ амалӣ карда мешавад.

156. Муқоисакунии маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозӣ бо мақсади муқаррар намудани мутобиқати маълумоти дар китобҳои хазинадорӣ, чекҳои молӣ, китобҳои баҳисобгирии анбор ва дигар ҳуҷҷатҳои аввалия инъикосёфта бо маълумоти дар баҳисобгирии муҳосибӣ дарҷшуда амалӣ карда мешавад.

157. Таҳлили назоратии ашёи хом, маҳсулот ва молҳои тайёр, санҷиши хароҷоти ҳақиқии ашёи хом ва маҳсулот барои тайёр намудани як воҳиди моли тайёр ва асоснокии меъёрҳои муқаррааргардида аз ҷониби санҷишгарон бо ҷалби коршинос гузаронда мешавад.

158. Муайян намудани ҳаҷми кори иҷрошуда бо ҷалби мутахассисони дахлдор бо мақсади муқоиса намудани ҳаҷми ҳақиқии кор бо ҳаҷмҳои дар ҳуҷҷатҳои ҳамчун асос барои пардохти чунин корҳо хизматкунанда гузаронда мешавад.

159. Барои анҷом додани андозагирии маҷмуӣ доир ба амалӣ намудани назорати риояи қонунгузории андоз ва ё дигар қонунгузорӣ ба мақомоти андоз, бо тартиби муқарраргардида дидбонгоҳҳои андоз ташкил карда мешаванд.

160. Корманди ваколатдори мақомоти андоз ҳангоми амалӣ намудани чорабиниҳои назоратӣ ҳуқуқ дорад барои санҷиши риояи қонунгузорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ хариди назоратӣ гузаронад.

## 20. САНҶИШИ ҲОЛАТИ ВОҚЕАН МАВҶУД БУДАНИ МОЛҲОИ ҚИМАТБАҲО ДАР ХАЗИНА (ДАР ИХТИЁРИ ШАХСОНИ ҲИСОБОТДЕҲ)

161. Ҳангоми санҷиши воқеан мавҷуд будани молҳои қиматбаҳо дар хазина ва (ё) дар ихтиёри шахсони ҳисоботдеҳ азнавҳисобкунии пурраи маблағҳои коғазии нақдӣ ва санҷиши дигар молҳои қиматбаҳои дар хазина мавҷудбуда гузаронда мешавад. То оғози азнавҳисобкунӣ аз шахси ба молҳо ҷавобгар ва (ё) аз шахси ҳисоботдеҳ тасдиқномаи хаттӣ дар бораи он, ки ҳама ҳуҷҷатҳои воридотӣ барои воситаҳои пулӣ ва дигар молҳои қиматбаҳо ба муҳосибот супорида шудаанд ва ҳамаи воситаҳои пулӣ (дигар молҳои қиматбаҳо) даромад карда шудаанд ва воситаҳои пулӣ ва (ё) молҳои қиматбаҳои баромада, аз ҳисоб баровардашуда ба хароҷот бурда шудаанд, талаб карда шавад.

162. Шахси ба молҳо ҷавобгар (шахсе, ки уҳдадориаш бо ҳуҷҷати махсус тасдиқ карда шудааст) дар ҳузури санҷишгарон ва намояндагони андозсупоранда азнавҳисобкунии маблағҳои нақдӣ ва санҷиши дигар молҳои қиматбаҳо, ки дар хазина (бинои хазина) ҷойгиранд, амалӣ менамояд.

163. Ҳангоми азнавҳисобкунии маблағҳои воқеии пулӣ дар хазина аломатҳои пулӣ, маркаҳои почтавӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

164. Натиҷаҳои санҷиш бо санади санҷиши мавҷудияти воситаҳои пулӣ ва дигар молҳои қиматбаҳо дар хазина (бинои хазина) тибқи замимаи 7 ба Дастурамали мазкур аз ҷониби  шахси ҳисоботдеҳ тартиб дода мешаванд, ки дар он бақияи воситаҳои пулӣ ва молҳои қиматбаҳои

мавҷуда ва маълумоти баҳисобгирӣ дар рӯзи санҷиш нишон дода шудаанд ва натиҷаи санҷиш муайян карда шуда, ба расмият доварда мешаванд.

165. Дар рафти санҷиши сайёри андоз ошкор гардидани тамоили мавҷудияти воқеии воситаҳои пулӣ ва дигар молҳои қиматбаҳо дар хазина аз маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ ва (ё) баҳисобгирии даромадҳо ва хароҷоти шахси ба молҳо ҷавобгар (ҳисоботдеҳ) уҳдадор аст ба санҷишгар баёноти хаттии сабабҳои норасоӣ ё зиёдатиро пешниҳод намояд.

## 21. ТАРТИБИ ИҶРО НАМУДАНИ АМАЛҲОИ АЛОҲИДА ДАР ҶАРАЁНИ САНҶИШ

166. Шахсони мансабдори мақомоти андоз ҳангоми гузарондани санҷиши сайёри андоз, инчунин дар сурати боздоштани он ҳуқуқ доранд ҳама гуна шахсони воқеиро, агар чунин санҷиш нисбати ин шахс ё андозсупорандаи дигар гузаронда шавад, ки дар бораи он ин шахси воқеӣ аз рӯйи иштирок дар иҷрои амалиёт маълумоти лозима дорад, даъват намояд. Пурсиши шахсони воқеӣ (харидорон ё истифодабарандагони молҳо (хизматҳо), шахсони дар асоси шартномаи меҳнатӣ ё гражданию ҳуқуқӣ корҳоро иҷрокунанда, муҳосибон, менеҷерон ва ҳайати кормандони дигари андозсупорандаи санҷидашаванда, ки дар давраи гузарондани санҷиш кор мекунанд) аз ҷониби шахси мансабдори мақомоти андоз дар сурати аз мақомоти дахлдори дигар ворид шудани маълумот дар бораи риоя нагардидани талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон то гузарондани санҷиш ва ё барои ҷамъоварии далелҳо ва муайян намудани уҳдадории андоз дар вақти санҷиш амалӣ карда мешавад.

167. Санҷишгарон ҳуқуқ доранд баёноти хаттиро аз андозсупорандаи санҷидашаванда ё шахсони воқеӣ оид ба масъалаҳои дар ҷараёни гузарондани санҷиш бавуҷудомада бе даъват ба мақомоти андоз талаб намоянд.

168. Мақсад аз даъвати шахси воқеӣ ва аз ӯ гирифтани баёнот, санҷидани ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунии андозӣ аз ҷониби андозсупорандаи санҷидашаванда мебошад.

169. Ба шахси воқеии даъватшаванда пешакӣ огоҳинома фиристода мешавад.

170. Огоҳинома ба шахси даъватшаванда бо гирифтани дастхат ё имзо супорида мешавад.

171. Шахси воқеии ба мақомоти андоз даъватшуда, ки нисбати ӯ санҷиш гузаронда мешавад, ҳуқуқ дорад иштирок намудани намояндаи худ, инчунин иҷозати истифодаи сабти овозиро талаб намояд ва мақомоти андоз ҳуқуқи рад намудани талаботи зикршударо надорад.

172. Аз шахси воқеӣ ҳама маълумоти ба ӯ маълумро оид ба фаъолияти андозсупорандаи санҷидашаванда (санаи аз ҷониби андозсупорандаи санҷидашаванда гузарондани амалиёт, шумора ва арзиш, усулҳои фиристодан (гирифтан) ва арзиши молу маҳсулоти қиматбаҳо, иҷрои кор ва хизматрасонӣ) муайян намудан лозим аст. Дар ҳолати аз ҷониби шахси воқеӣ тасдиқ шудани иштирок дар гузарондани амалиёт, ки аз ҷониби

андозсупорандаи санҷидашаванда иҷро карда шудааст, бояд муайян карда шавад, ки оё шахси воқеии мазкур ҳуҷҷатҳоеро, ки ба амалиёти номбаршуда алоқамандӣ доранд, дорад ё не.

173. Ҳуҷҷатҳои зикргардида аз шахси воқеӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ талаб карда мешаванд ва нусхаи онҳо якҷоя бо натиҷаҳои пурсиш ба маводи санҷиш ҳамроҳ карда мешаванд.

174. Дар сурати номутобиқатии маълумоти аз шахси воқеӣ гирифташуда ба ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии аввалияи андозсупорандаи санҷидашаванда, санҷишгар уҳдадор аст сабабҳои номутобиқатии маълумоти баҳисобгириро муқаррар кунад ва сабабҳои ошкоргардидаро дар санади санҷишӣ дар ҳолатҳои зерин инъикос намояд:

- номутобиқатии маълумоти баҳисобгирии андозсупорандаи санҷидашаванда бо маълумоти гирифташуда;

- ба расмият надаровардан ва (ё) ба баҳисобгирии муҳосибӣ (баҳисобгирии даромадҳо в хароҷот) пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи далели таҳвили маҳсулот, мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ);

- ба хазина насупоридани пулҳои накд ва молҳои қиматбаҳои дигар ва бо ҳуҷҷатҳои аввалия тасдиқ накардани пардохтҳои аз ҷониби харидорон барои молҳо (иҷрои кор ва хизматрасонӣ)-и таҳвилшуда гирифташуда;

- ба ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирӣ дохил намудани маълумоти номутобиқ ба таркиби далелҳои амалиёти хоҷагидорӣ;

- пинҳон намудани манбаи андоз, нодуруст татбиқ намудани меъёрҳои андоз ва (ё) имтиёзҳои андоз.

175. Баёноти хаттии шахсони воқеӣ, санадҳои санҷишҳои мутақобила, ҳуҷҷатҳои аввалия, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ пешниҳод карда шудаанд ва маводи дигари амалҳои санҷишии санҷишгарон барои тағйир додани андозаҳои уҳдадории андозии андозсупорандаи санҷидашаванда асос мебошанд ва аз ҷониби санҷишгарон дар санади санҷиши инъикос карда мешаванд.

## 22. ТАЛАБОТИ УМУМӢ БА БАРАСМИЯТДАРОРИИ САНАД АЗ НАТИҶАҲОИ САНҶИШИ САЙЁРИ АНДОЗ

176. Аз рӯйи натиҷаҳои ҳар санҷиши сайёри андоз шахсони мансабдори мақомоти андоз, ки санҷишро гузарондаанд, санади санҷиши сайёри андозро тартиб медиҳанд. Шакл ва талабот оид ба тартиб додани санади санҷишии сайёри андоз аз ҷониби Кумитаи андоз муқаррар карда мешавад.

177. Санад ба ҳамаи шахсоне, ки дар ин раванд иштирок доштанд ё муаррифӣ шудаанд, хонда мешавад. Ин шахсон ҳуқуқ доранд қайди махсусе, ки барои дарҷ намудан ба санад ва ё ҳамроҳ кардан ба мавод лозим аст, гузоранд.

178. Дар санади санҷиши сайёри андоз маълумоти зерин нишон дода мешавад:

- асос, намуд ва даврият гузарондани санҷиш;

- макон ва санаи баамалбарории амали мушаххас;

- санаи тартибдиҳии санади санҷиши андоз, яъне санаи имзокунии санад аз ҷониби шахсоне, ки санҷиши мазкурро гузаронданд;

- номи пурра ва ихтисоршуда ё насаб, ном ва номи падари шахси санҷидашаванда. Дар сурати санҷиши шахси ҳуқуқӣ дар маҳалли ҷойгиршавии воҳиди алоҳидаи он, ба ғайр аз номи шахси ҳуқуқӣ, номи пурра ва ихтисоршудаи воҳиди алоҳидаи санҷидашаванда ва маҳалли ҷойгиршавии он зикр карда мешавад;

- насаб, ном, номи падари ҳар як шахси дар чорабиниҳо иштироккунанда ва ё дар рафти он ҳузурдошта, дар ҳолатҳои зарурӣ нишона (суроға)-и онҳо;

- насаб, ном, номи падари шахсоне, ки санҷиши сайёри андозро гузаронданд, вазифаҳои онҳо ва номи мақомоти андозе, ки онҳо намояндагӣ мекунанд;

- сана ва рақами фармоиши роҳбари мақомоти андоз дар бораи гузарондани санҷиши сайёри андоз;

- номгӯйи ҳуҷҷатҳое, ки дар рафти санҷиши сайёри андоз аз ҷониби андозсупоранда пешниҳод карда шудаанд;

- даврае, ки барои он санҷиши сайёри андоз гузаронда шуд;

- номгӯйи андоз, ки нисбат ба он санҷиши сайёри андоз гузаронда шуд;

- санаи оғоз ва анҷомёбии санҷиши сайёри андоз;

- нишонаи маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда;

- маълумот дар бораи чорабиниҳои назорати андоз, ки ҳангоми амалисозии санҷиши сайёри андоз гузаронда шудаанд;

- тавсифи муфассали вайронкунии андоз (ҳангоми мавҷудияти он) бо истинод ба меъёри дахлдори қонунгузории андоз;

- таркиби амалҳо ва пайдарпайии гузарондани онҳо;

- далелҳо ва ҳолатҳои барои санад муҳими дар ҷараёни иҷрои амал ошкоргардида;

- хулоса ва пешниҳодҳо аз натиҷаи санҷиши сайёри андоз.

179. Агар дар натиҷаи санҷиши сайёри андози гузарондашуда вайронкунии қонунгузории андоз ошкор нашуда бошад, дар санад дар ин бора сабти дахлдор ворид карда мешавад.

180. Ҳангоми гузарондани санҷиши сайёри андоз, ба андозсупорандае, ки ҳисобот, эъломияҳои андоз, ҳисоботи оморӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдори муҳосибиро бо тартиби муқарраршуда пешниҳод накардааст, дархост оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳо тибқи замимаи 4 Дастурамали мазкур дода мешавад.

181. Ба охир расидани санҷиши сайёри андоз рӯзи ба андозсупоранда супоридани санади санҷиши сайёри андоз ё дар ҳолати даст кашидани андозсупоранда аз қабули санади санҷиши сайёри андоз, санаи ба он фиристодани санади санҷиши сайёри андоз бо мактуби фармоишии дорои огоҳинома ба ҳисоб меравад.

182. Агар баъди ба охир расидани санҷиши сайёри андоз вайронкунии қонунгузории андоз ошкор карда нашавад, дар санади санҷиши сайёри андоз дар ин хусус қайди дахлдор гузошта мешавад.

183. Ба санади санҷиш нусхаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ҳисобҳои анҷомдодаи корманди мақомоти андоз, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳолатҳои қонунвайронкунии андоз, сабти видеоӣ ва дигар маводи дар рафти санҷиши сайёри андоз гирифташуда замима мегарданд.

184. Ҳангоми тартиб додани санади санҷишӣ тавсифи ҳолатҳои мушаххаси ҳуқуқвайронкунии аз ҷониби андозсупоранда содиргардида, ки барои чунин ҳуқуқвайронкунӣ ҷавобгарӣ пешбинӣ гардидааст, ҳатмӣ мебошанд. Дар ин сурат дар санад далелҳои риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ, ки барои онҳо бо сабаби гузаштани мӯҳлатҳои ба ҷавобгарӣ ҷалб намудан татбиқ карда намешаванд, инчунин далелҳои муқарраркардашудаи аз ҷониби агенти андоз наситонидани андози даромад аз маблағҳои пардохтнамудаи онҳо ҳамчун даромад, андоз аз онҳое, ки имконияти ситониданашон набуд, ҷавобгарӣ инъикос мегарданд.

185. Санад, чун қоида, бояд тариқи чопи компютерӣ ё бо истифода аз таҷҳизоти чопкунанда омода карда шавад. Новобаста ба тарзи омода намудани санад, шумораи матни чопшуда ва тартиби ҷадвалҳои шарҳдиҳанда бояд ба талаботи имлоӣ ва услубӣ ҷавобгӯй бошанд.

186. Дар сурати имконпазир будани пинҳонкунии ҳуқуқвайронкунии ошкоргардида ё бо далелҳои ошкоршуда зарур будани бартарафсозии онҳо ва ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани шахсоне, ки бо амалҳо (беамалӣ)-и онҳо сабаби вайронкунии талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст, чораҳои таъхирнопазир қабул карда шуда, то хотима ёфтани санҷиш оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардида санади алоҳидаи фосилавӣ тартиб дода мешавад. Санади фосилавӣ аз ҷониби санҷишгарон ва шахсони зерин имзо карда мешавад:

- аз ҷониби роҳбари андозсупоранда (воҳиди махсуси андозсупоранда), ҳангоми мавҷуд набудани ӯ – намояндаи андозсупоранда (воҳиди махсуси ӯ) ё аз ҷониби андозсупоранда – шахси воқеӣ, ҳангоми мавҷуд набудани ӯ – намояндаи андозсупоранда – шахси воқеӣ;
- аз ҷониби шахсе, ки вазифаҳои сармуҳосиб (муҳосиби калон бо ҳуқуқи сармуҳосиб)-и андозсупоранда (воҳиди махсуси ӯ)-ро иҷро мекунад ё соҳибкори инфиродӣ;
- ҳангоми зарурат аз ҷониби иштирокчиёни дигари санҷиш.

187. Санади санҷиш ба миқдори на камтар аз се нусха тартиб дода шуда, ҳамаи нусхаҳои санад аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти андоз, ки санҷиши сайёри андозро гузарондаанд, имзо карда мешаванд. Як нусхаи санади санҷиши сайёри андоз ба андозсупоранда дода мешавад.

188. Ҳангоми гирифтани санади санҷиш андозсупоранда уҳдадор аст, ки доир ба гирифтани он дар ҳамаи нусхаҳои санад бо нишон додани санаи гирифтан имзо гузорад. Нусхаҳои санад дар мақомоти андоз боқӣ монда, ба маводи санҷиш ҳамроҳ карда мешаванд. Ҳамзамон имзои андозсупоранда маънои онро надорад, ки ӯ бо санади санҷиш розӣ аст, ва

ҳуқуқи андозсупорандаро барои шикоят кардан аз болои қарорҳо ва амалҳо (беамалӣ)-и ин корманди мақомоти андоз маҳдуд намекунад.

189. Дар ҳолати аз имзо саркашӣ намудани шахсони дар сархатҳои якум ва дуюми банди 188 Дастурамали мазкур зикргардида дар он қайди дахлдор гузошта мешавад. Дар ин вақт аз ҷониби шахсони аз гузоштани имзо саркашинамуда сабабҳои саркашӣ намудан муайян карда мешаванд. Як нусхаи санад ба андозсупоранда бо мактуби фармоишӣ ба маҳалли ҷойгиршавии он ирсол карда мешавад.

190. Натиҷаи санҷиши сайёри андоз ба маълумот дар бораи андозсупоранда, ки аз мақомоти андоз, шахси сеюм гирифта шудааст ва маълумоти дигари дар ҷараёни мониторинг, санҷиш ва баҳисобгирии муҳосибӣ ҷамъоваришуда асос меёбад.

191. Як нусхаи санад бо тартиби муқарраргардидаи Дастурамали мазкур ба андозсупоранда дода мешавад. Далелҳои дар санади фосилавӣ ифодашуда ба санади умумӣ (ҷамъбастӣ) дохил карда мешаванд.

192. Вобаста ба намудҳои алоҳидаи андоз якҷоя ба санади санҷишӣ ҷадвалҳои муқоисавӣ (тибқи замимаҳои 8 – 18 Дастурамали мазкур) тартиб дода мешавад.

193. Дар ҳолати ошкор намудани хуқуқвайронкунӣ оид ба масъалаҳое, ки назорати онҳо ба зиммаи мақомоти андоз вогузор шудааст ва барои тартиб додани протокол дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахсони мансабдори дигар мақомоти назоратӣ ваколатдор шудаанд, ҳуқуқвайронкуниҳои нишондодашуда дар санади санҷишӣ алоҳида инъикос гардида, дар ду нусха тартиб дода мешаванд ва нусхаи дуюми он ба андозсупоранда дода мешавад.

194. Ҳангоми дар рафти санҷиши сайёри андоз ошкор гардидани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар боби 26 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, барасмиятидарории парвандаи маъмурӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд.

195. Ҳангоми дар рафти санҷиши сайёри андоз муайян намудани далелҳое, ки дорои аломатҳои ҷиноятҳои вобаста бо саркашӣ аз пардохти дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет мебошанд, мавод аз рӯйи натиҷаҳои чунин санҷишҳои андоз дар давоми 10 рӯзи кории баъди қабул намудани қарор тибқи санади санҷиши сайёри андоз барои андешидани чораҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ фиристода мешавад.

196. Дар сурати гузарондани санҷишҳои андоз бо ташаббуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нусхаи маълумот оид ба натиҷаи санҷишҳои андоз ба мақомоте, ки бо ташаббуси он чунин санҷишҳо гузаронда шудаанд, ирсол карда мешавад.

197. Маводи санҷиши сайёри андоз ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар сурати илова ҳисоб намудани пардохти маблағҳои андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет дар ҳаҷми калон ё махсусан калон ва дар сурати вуҷуд доштани дигар аломатҳои ҷиноят вобаста ба саркашӣ аз пардохти андоз бояд бо замимаи нусхаҳои ҳуҷҷатҳои зерин супурда шаванд:

- фармоиш барои гузарондани санҷиши сайёри андоз;
- огоҳинома (қарор) тибқи санади санҷиши сайёри андоз;
- санади санҷиши сайёри андоз, ки аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти андоз, ки санҷишро гузарондаанд ва андозсупорандае, ки ҳуқуқвайронкунии ӯ ошкор гардидааст, имзо карда шудааст;
- эъломияҳои андоз, ҳисобнома - фактураҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои андозсупоранда, ки аз ҳуқуқвайронкунӣ гувоҳӣ медиҳанд;
- баёноти шахсон (шахс)-и мансабдоре, ки бо гуноҳи онҳо ба вайронкунии қонунгузории андоз роҳ дода шудааст, ки аломатҳои ҷиноят доранд;
- ҳуҷҷатҳое, ки шахсони мансабдори андозсупорандаи санҷидашуда барои тасдиқи бегуноҳии худ пешниҳод кардаанд;
- маводи санҷишҳои мутақобила, ки ҳуқуқвайронкуниҳои дар санади санҷиши сайёри андоз инъикосгардидаро тасдиқ мекунанд;
- дигар маводе, ки аз саркашӣ намудан аз пардохти андозҳо, дигар пардохтҳо ё амалҳои дигари ғайриқонунии андозсупоранда, ё шахсони мансабдор гувоҳӣ медиҳанд.

198. Дар сурати гузарондани санҷиши сайёри андоз бо ташаббуси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва вуҷуд надоштани ҳисобкунии иловагии маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет нусхаи санади санҷиши сайёри андоз нисбати андозсупорандаи санҷидашуда ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристода мешавад.

199. Дар сурати гузарондани санҷиши сайёри андоз бо ташаббуси як мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ошкор гардидани далели ҷинояте, ки дар доираи салоҳияти дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қарор дорад, нусхаҳои маводи чунин санҷиш ба ҳар ду мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристода мешаванд.

200. Шикоят намудан аз болои қарорҳо, санадҳои санҷишии мақомоти андоз, амал (беамалӣ)-и кормандони онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

## 23. ТАРТИБИ БАРРАСИИ МАВОДИ САНҶИШИ САЙЁРИ АНДОЗ

201. Санади санҷиши андозе, ки дар давоми он вайронкунии қонунгузории андоз ошкор карда шудааст, на дертар аз 15 рӯз аз санаи тартибдиҳии санади санҷиши андоз бояд аз ҷониби мақомоти андозе, ки чунин санҷишро гузарондааст, мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Қарор аз натиҷаи санҷиш бояд на дертар аз 20 рӯз пас аз баррасии маводи санҷиши сайёри андоз қабул карда шавад.

Эзоҳ: Мисол. Дар фаъолияти ҶДММ «Амин» санҷиш гузаронда шуда, дар рафти санҷиш ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андоз ошкор гардида, 1 марти соли 2022 бо тартиби муқарраргардида аз натиҷаи санҷиши сайёри андоз санад тартиб дода шудааст. Маводи санҷиш аз ҷониби мақомоти андоз бояд на дертар аз (то) 16 марти соли 2022 бо даъвати андозсупоранда ва ё дар сурати ҳозир нашудани андозсупоранда бе иштироки ӯ баррасӣ карда шавад. Дар ҳар сурат қарор аз натиҷаи санҷиш дар давоми то 20 рӯз аз санаи баррасии маводи санҷишӣ бояд қабул карда шавад.

202. Агар андозсупоранда (намояндаи он) дар муҳлати пешбининамудаи банди 225 Дастурамали мазкур ба санад шикояти хаттӣ пешниҳод карда бошад, ин шикоят низ ба назар гирифта мешавад.

203. Мақомоти андоз дар бораи сана, вақт ва ҷойи баррасии маводи санҷиш андозсупорандаро на камтар аз 2 рӯзи корӣ пеш аз санаи баррасӣ огоҳ менамояд.

204. Агар андозсупоранда ба мақомоти андоз дар бораи имконнопазир будани иштирок дар баррасии маводи санҷиши сайёри андоз хабар диҳад, мақомоти андоз баррасии маводи санҷишро ба муҳлати на зиёда аз 5 рӯз ба таъхир гузошта, дар ин бора андозсупорандаро огоҳ менамояд.

205. Андозсупорандае, ки нисбати вай санҷиши сайёри андоз гузаронда шудааст, ҳуқуқ дорад дар ҷараёни баррасии маводи санҷиши андоз шахсан ва (ё) тавассути намояндаи ҳуқуқии худ иштирок намояд.

206. Ҳозир нашудани андозсупорандае, ки нисбат ба он санҷиши сайёри андоз гузаронда шудааст (намояндаи ӯ), барои баррасии маводи санҷиши сайёри андоз монеъ шуда наметавонад, агар оид ба вақт ва ҷойи баррасии маводи санҷишӣ ба таври зарурӣ огоҳ гардида бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки иштироки ин шахсро мақомоти андоз барои баррасии ин мавод ҳатмӣ донад.

207. Пеш аз оғози баррасии маводи санҷиш мақомоти андоз уҳдадор аст:

- шахси ваколатдореро, ки маводи санҷиширо баррасӣ менамояд, муайян кунад;

- ҳузури шахсони даъватшударо дар баррасӣ таъмин намояд. Бо дар назар доштани ҳолатҳои ҳозир нашудани ин шахсон, мақомоти андоз қарор қабул мекунад, ки маводи санҷиши андозро дар вақти набудани ин шахсон дида барояд ё баррасии онҳоро ба таъхир гузоранд;

- ваколати иштироки шахсе, ки нисбати ӯ санҷиши сайёри андоз гузаронда шудааст, санҷад;

- ба шахсоне, ки дар расмиёти баррасӣ иштирок мекунанд, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳоро муайян кунад ва фаҳмонад.

208. Мавҷуд набудани шикоятҳои хаттӣ ин шахс (намояндаи он)-ро аз ҳуқуқи додани тавзеҳот дар марҳилаи баррасии маводи санҷиши сайёри андоз маҳрум намекунад.

209. Ҳангоми баррасии маводи санҷиши сайёри андоз, далелҳои пешниҳодшуда, аз ҷумла ҳуҷҷатҳое, ки қаблан аз шахсе дархост шудаанд, ки нисбати он санҷиш гузаронда шудааст, ҳуҷҷатҳои ҳангоми гузарондани ин санҷишҳои андозӣ ба мақомоти андоз пешниҳодшуда ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба мақомоти андоз дастрас мебошанд, мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

210. Истифодаи далелҳое, ки бар хилофи муқаррароти Кодекси андоз ба даст оварда шудаанд, иҷозат дода намешавад.

211. Ҳуҷҷатҳо (маълумот)-и иловагӣ оид ба фаъолияти андозсупоранда, ҳатто агар онҳо ба мақомоти андоз бо вайронкунии

муҳлатҳои муқаррарнамудаи Кодекси андоз пешниҳод карда шуда бошанд, метавонанд баррасӣ карда шаванд.

212. Ҳангоми баррасии маводи санҷиши сайёри андоз, дар ҳолати зарурӣ, қарор оид ба ҷалби шоҳид, коршинос ё мутахассис барои иштирок дар ҷараёни ин баррасӣ қабул карда мешавад.

213. Ҳангоми баррасии маводи санҷиши сайёри андоз протокол тартиб дода мешавад.

214. Дар ҷараёни баррасии санади санҷиши андоз мақомоти андоз муқаррар мекунад:

- оё шахсе, ки нисбати он санади санҷиш тартиб дода шудааст, қонунгузории андозро вайрон кардааст ё не;
- оё вайронкуниҳои ошкоршуда таркиби ҳуқуқвайронкунии андозро ташкил медиҳанд ё не;
- оё асос барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахс барои ҳуқуқвайронкунии андоз мавҷуд аст ё не;
- асоснокии шикояти андозсупоранда.

215. Ҳангоми мавҷуд будани таркиби ҳуқуқвайронкунии андоз роҳбар (муовини роҳбар)-и мақомоти андоз ҳолатҳоеро муайян менамояд, ки гуноҳи шахсро дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз истисно мекунад ва ё ҳолатҳое, ки ҷавобгариро барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз сабук ё вазнинтар мекунад.

216. Новобаста аз банди 203 Дастурамали мазкур, агар барои тасдиқ намудани далели вайрон кардани қонунгузории андоз ва ё мавҷуд набудани он ба даст овардани далелҳои иловагӣ зарур бошад, роҳбар (муовини роҳбар)-и мақомоти андоз ҳуқуқ дорад дар муддати на зиёда аз як моҳ дар бораи гузарондани чорабиниҳои иловагии назорати андоз қарор қабул кунад.

217. Қарор дар бораи таъин намудани чораҳои иловагии назорати андоз ҳолатҳоеро муайян менамояд, ки гузарондани чунин чорабиниҳои иловагиро тақозо мекунанд, дар он сана ва шакли мушаххаси гузарондани онҳо нишон дода мешавад.

Эзоҳ: Мисол. Дар фаъолияти ҶДММ «Амин» санҷиш гузаронда шуда, бо тартиби муқарраргардида аз натиҷаи санҷиши сайёри андоз санад тартиб дода шудааст. Маводи санҷишӣ аз ҷониби мақомоти андоз баррасӣ карда шуда, муайян мегардад, ки барои асоснок намудани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои андози ошкоргардида ё асоснок баррасӣ намудани ваҷҳҳои аз ҷониби андозсупоранда ба санҷиш пешниҳодгардида зарурати гузарондани чораҳои иловагии назоратӣ ва асоснок баррасӣ кардани маводи санҷишӣ ҷой дорад. Дар ин маврид барои таъин намудани чораҳои иловагии назорати андоз қарори роҳбари мақомоти андоз, бо дарҷи сана ва шакли чораҳои назоратӣ қабул карда мешавад.

218. Ҳамчун чораҳои иловагии назорати андозӣ, мақомоти андоз мутобиқи бобҳои 9 ва 10 Дастурамали мазкур ҳуҷҷатҳо (маълумот)-ро дархост карда мегирад, пурсиши шоҳидон ва экспертиза мегузаронад.

219. Оғоз ва анҷоми чораҳои иловагии назорати андоз, маълумот дар бораи чораҳои иловагии гузарондаи назорати андоз, инчунин далелҳои

иловагии ба даст овардашуда барои тасдиқи далели вайрон кардани қонунгузории андоз ё мавҷуд набудани онҳо, хулоса ва таклифу пешниҳодҳои аудиторҳо оид ба рафъи вайронкуниҳои ошкоршуда ва истинод ба моддаҳои Кодекси андоз, агар барои вайрон кардани қонунгузории андоз дар Кодекси андоз ҷавобгарӣ пешбинӣ шуда бошад, илова ба санади санҷиши сайёри андоз, сабт карда мешаванд.

220. Маводи ба санади санҷиши сайёри андоз иловашаванда аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти андоз, ки амалиёти иловагии назорати андозро гузарондаанд, дар давоми 10 рӯзи пас аз ба охир расидани чунин чорабиниҳо бояд тартиб дода шуда, имзо карда шавад.

221. Илова ба санади санҷиши сайёри андоз бо замимаи маводе, ки дар натиҷаи чораҳои иловагии назорати андоз гирифта шудаанд, дар давоми се рӯзи пас аз таҳия намудани ин замима бояд ба шахсе, ки нисбат ба он санҷиш гузаронда шудааст (намояндаи ӯ), бо имзо ё ба тариқи дигар, ки санаи гирифтани онро тасдиқ менамояд, супорида шавад.

222. Агар шахсе, ки нисбати он санҷиш гузаронда шудааст (намояндаи вай) аз гирифтани маводи иловагӣ ба санади санҷиши сайёри андоз саркашӣ кунад, далели мазкур дар маводи иловагӣ ба санади санҷиши сайёри андоз инъикос карда мешавад. Дар ин сурат, маводи иловагӣ ба санади санҷиши сайёри андоз тавассути почта бо мактуби фармоишӣ ба маҳалли ҷойгиршавии ташкилот (воҳиди алоҳида) ё маҳалли истиқомати шахси воқеӣ ирсол мегардад ва дар рӯзи панҷум аз санаи фиристодани мактуби фармоишӣ, қабулшуда ба ҳисоб меравад.

223. Шахсе, ки нисбат ба он санҷиши сайёри андоз гузаронда шудааст (намояндаи он), дар давоми 10 рӯз аз лаҳзаи гирифтани маводи иловагӣ ба санади санҷиш, ба мақомоти андоз шикоятҳои хаттӣ оид ба чунин иловаҳо ба санади санҷиш ё муқаррароти алоҳидаи он пешниҳод менамояд.

224. Баъди ба охир расидани санҷиши сайёри андоз дар ҳолати ошкор гардидани қонунвайронкуниҳои андоз мақомоти андоз қарор (огоҳинома) тибқи шакли замимаи 5 Дастурамали мазкур дар бораи натиҷаҳои санҷиши сайёрии андоз қабул мекунад, ки он ба андозсупоранда фиристода мешавад.

225. Дар сурати мавҷуд набудани маълумот оид ба маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда, мӯҳлати иҷрои огоҳинома оид ба натиҷаҳои санҷиши ҳуҷҷатии андоз то лаҳзаи ба андозсупорандаи мазкур супоридани огоҳинома боздошта мешавад.

226. Бақайдгирии огоҳинома (дар ҳолати ошкор гардидани вайронкунӣ) ва санади санҷиши сайёри андозро мақоми андоз таҳти як рақам анҷом медиҳад.

227. Андозсупорандае, ки дар бораи маблағҳои ҳисобшудаи андоз, ҷарима ва фоизҳо огоҳинома гирифтааст, агар оид ба натиҷаҳои санҷиши сайёри андоз шикоят накарда бошад, уҳдадор аст дар мӯҳлатҳои дар огоҳинома зикршуда онро иҷро намояд. Зимнан мӯҳлати иҷрои огоҳинома бояд на дертар аз 10 рӯзи корӣ пас аз супоридани огоҳиномаро ташкил намояд.

228. Дар ҳолате, ки агар баъди анҷом ёфтани санҷиши сайёри андоз қонунвайронкуниҳои андоз ошкор нашуда бошад, аз натиҷаи санҷиш қарор қабул карда намешавад.

## 24. ҚАБУЛИ ҚАРОР ОИД БА НАТИҶАИ БАРРАСИИ МАВОДИ САНҶИШИ САЙЁРИ АНДОЗ

229. Дар асоси натиҷаҳои баррасии санади санҷиши сайёри андоз, ҳуҷҷатҳо ва маводи ба он замимашаванда бо тартиби муқаррарнамудаи Дастурамали мазкур роҳбар (муовини роҳбар)-и мақомоти андоз қарор қабул мекунад, ки инҳоро пешбинӣ менамояд:

- ҳисобкунии иловагии андозҳо, фоизҳо (пеня), ҷарима ё рад кардани он;
- ба ҷавобгарӣ кашидани андозсупоранда барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз ё рад кардани он.

230. Дар қарор дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахс барои ҳуқуқвайронкунии андоз ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунии андоз дарҷ карда мешаванд, ҳуҷҷатҳо ва дигар маълумоти тасдиқкунандаи ин ҳолатҳоро, далелҳои ҳимояи онро аз ҷониби шахси ба ҷавобгарӣ кашидашуда ва натиҷаи санҷиши ин далелҳо нишон дода мешаванд.231. Дар қарор оид ба ҷавобгарӣ кашидани шахс барои ҳуқуқвайронкунии андоз моддаҳои Кодекси андоз ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ин ҳуқуқвайронкуниҳо ва андешидани чораҳои дахлдори ҷавобгариро пешбинӣ мекунанд, нишон дода мешавад.

232. Агар ҳангоми санҷиши андоз ошкор гардад, ки бо қарори мақомоти андоз маблағи андоз барзиёд баргардонда шудааст, дар қарор оид ба ҳисобкунии иловагии андозҳо маблағи мазкур ҳамчун қарзи андоз аз рӯйи ин андоз эътироф карда мешавад. Агар ин маблағи андоз ба андозсупоранда баргардонида шавад, он аз рӯзи воқеан гирифтани маблағ ва дар сурати қабули маблағи андоз барои баҳисобгирӣ, аз рӯзи қабули маблағи андоз барои баҳисобгирӣ ҳамчун қарзи андоз эътироф мегардад.

233. Баъди қабули қарор аз рӯйи натиҷаҳои санҷиши андоз, роҳбар (муовини роҳбар)-и мақомоти андоз ҳуқуқ дорад тибқи тартиб ва шартҳои пешбининамудаи моддаи 121 Кодекси андоз чораҳои таъминотиро барои иҷрои ин қарор қабул кунад.

## 25. ЭЪТИБОР ПАЙДО КАРДАНИ ҚАРОР АЗ РӮЙИ НАТИҶАҲОИ БАРРАСИИ МАВОДИ САНҶИШИ САЙЁРИ АНДОЗ

234. Қарор оид ба натиҷаҳои санҷиши сайёри андоз, ки бо тартиби муқаррарнамудаи боби 24 Дастурамали мазкур қабул шудааст, баъд аз супоридан ба шахсе, ки нисбати он қарор қабул шудааст (намояндаи шахс), эътибор пайдо мекунад.

235. Қарор дар бораи натиҷаҳои санҷиши сайёри андоз дар давоми 2 рӯз аз рӯзи қабули он ба шахсе, ки нисбати он қарор қабул карда шудааст

(ба намояндаи он), бо гирифтани имзо ва нишон додани санаи қабул ирсол карда мешавад.

236. Агар супоридан ва ё ирсол намудани қарор ё бо роҳи дигар бо нишон додани санаи қабули он ғайриимкон бошад, он тавассути мактуби фармоишӣ ба маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ (воҳиди алоҳида) ё маҳалли зисти шахси воқеӣ ирсол мегардад. Ҳангоми фиристодани қарор тавассути мактуби фармоишӣ санаи пешниҳоди он рӯзи панҷум аз санаи ирсоли мактуби фармоишӣ маҳсуб меёбад.

237. Ҳангоми шикоят аз болои қарори мақомоти андоз қарори мазкур бо тартиби пешбининамудаи боби 27 Дастурамали мазкур эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

## 26. ХУСУСИЯТҲОИ ИҶРОИ ҚАРОРҲОИ МАҚОМОТИ АНДОЗ

238. Корманди ваколатдори мақомоти андоз, ки санҷиши андозро гузарондааст, барои қонунвайронкуниҳои андози ошкоршуда, ки барои онҳо шахсони воқеӣ ё мансабдори шахсони ҳуқуқӣ бояд ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шаванд, дар доираи салоҳияти худ протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмуриро тартиб медиҳанд.

239. Қарор дар бораи натиҷаҳои санҷиши андоз бояд аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намудани он иҷро карда шавад.

240. Таъмини иҷрои қарори дахлдор ба зиммаи он мақомоти андоз вогузор карда мешавад, ки қарори мазкурро қабул кардааст.

241. Дар ҳолати баррасии шикоят аз ҷониби мақомоти болоии андоз, қарори ин мақомоти болоии андоз, ки эътибори қонунӣ пайдо кардааст, дар давоми 3 рӯзи пас аз эътибори қонунӣ пайдо намудани он ба он мақомоти андоз фиристода мешавад, ки қарори ибтидоиро қабул кардааст.

242. Агар мақомоти андоз пас аз қабули қарор дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидани шахси воқеӣ ё шахсони мансабдори шахсони ҳуқуқӣ барои ҳуқуқвайронкунии андоз маводро ба мақомоти прокуратура фиристад, мақомоти андоз уҳдадор аст, ки иҷрои қарор дар бораи ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани шахси воқеӣ барои ҳуқуқвайронкунии андозро боздорад.

243. Бо пешниҳоди мавод ба мақомоти прокуратура иҷрои қарор дар бораи ситонидани ҷаримаҳои маъмурӣ аз шахсони дар банди 249 ҳамин боб муайяншуда, боздошта мешавад. Чунин боздошт бо қарори роҳбар (муовини роҳбар)-и мақомоти андоз на дертар аз рӯзи дигари баъди ба мақомоти прокуратура пешниҳод шудани мавод сурат мегирад. Ҳамзамон давраи ситонидани қарзи андоз, ки Кодекси андоз пешбинӣ намудааст, ба муҳлати боздоштани иҷрои қарор оид ба ситонидани ин қарзи андоз боздошта мешавад.

244. Агар дар асоси маводи ба мақомоти прокуратура ирсолшуда қарор оид ба радди оғози парвандаи ҷиноятӣ ё қарор оид ба қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахсони воқеӣ ё мансабдорони шахсони ҳуқуқӣ қабул шавад, амали қарорҳои боздоштшудаи мақомоти андоз барқарор карда мешавад. Барқарор намудани амал бо қарори роҳбар

(муовини роҳбар)-и мақомоти андоз дар бораи ҷавобгарии маъмурӣ на дертар аз рӯзи дигари рӯзи гирифтани огоҳинома оид ба ин ҳолатҳо аз мақомоти прокуратура анҷом дода мешавад. Агар нисбати парвандаи ҷиноятии дахлдор ҳукми сафедкунанда қабул гардад, қоидаи шабеҳ амалӣ карда мешавад.

245. Агар амалҳо (беамалӣ)-и шахс, ки барои ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани он барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз асос шуда бошанд ва барои баровардани ҳукми айбдоркунанда барои ин шахс замина гузоранд, мақомоти андоз қарор оид ба ҷавобгарӣ кашидани ин шахсро барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии андоз бекор мекунад.

246. Мақомоти прокуратура оид ба натиҷаҳои баррасии маводи аз мақомоти андоз қабулнамуда, на дертар аз 3 рӯзи пас аз қабули қарори дахлдор ба мақомоти андоз хабарнома ирсол менамояд.

247. Нусхаи қарорҳои мақомоти андоз, ки дар ҳамин боб зикр шудаанд, аз ҷониби мақомоти андоз ба шахсе (ба намояндаи он), ки нисбати он қарори дахлдор қабул шудааст, дар давоми 5 рӯз аз рӯзи қабули қарори дахлдор супорида мешаванд.248. Муқаррароти ҳамин боб нисбат ба шахсоне, ки андозсупоранда, супорандаи пардохтҳо ва (ё) агенти андоз мебошанд, татбиқ карда мешаванд.

## 27. ИҶРОИ ҚАРОРҲОИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ҲАНГОМИ ШИКОЯТ

249. Ҳангоми пешниҳоди шикояти хаттӣ аз болои қарори мақомоти андоз, ки аз натиҷаи санҷиши андоз қабул шудааст, иҷрои он нисбат ба қисми шикоятшуда то баррасии шикоят ва ирсоли огоҳиномаи хаттӣ ба андозсупоранда дар бораи натиҷаҳои шикоят боздошта мешавад. Қисми шикоятнашудаи қарори мақомоти андоз аз рӯйи натиҷаи санҷиши андоз аз санаи қабули чунин қарор эътибор пайдо мекунад.

Эзоҳ: Мисол. Дар фаъолияти ҶДММ «Амин» санҷиши сайёри андоз гузаронда шуда, аз натиҷаи он 25 феврали соли 2022 қарори дахлдор қабул карда шудааст. Андозсупоранда нисбат ба натиҷаи санҷиш қисман розӣ мебошад. Дар ин маврид Ҷамъият уҳдадор аст нисбат ба маблағи ба таври илова ошкоршудаи андозҳо, ки шикоят надорад, андозро ба буҷет пардохт намояд.

250. Агар мақомоти болоии андоз қарори мақомоти поёнии андозро дар асоси шикояти андозсупоранда бекор намуда, қарори нав қабул намояд, чунин қарори мақомоти болоии андоз аз санаи қабули он эътибор пайдо мекунад.

251. Агар мақомоти болоии андоз баррасии шикояти андозсупорандаро рад намояд, қарори мақомоти поёнии андоз аз санаи қабули қарори мақомоти болоии андоз дар бораи рад кардани шикоят, вале на пештар аз анҷом ёфтани муҳлати пешниҳоди шикоят, эътибор пайдо мекунад.

## 28. САНҶИШИ АМАЛИЁТӢ ВА ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ МАҚОМОТИ АНДОЗ ДАР РАФТИ ГУЗАРОНДАНИ САНҶИШИ АМАЛИЁТӢ

252. Санҷиши амалиётиро мақомоти андоз доир ба масъалаҳои риояи талаботи зерини қонунгузории андоз мегузаронанд:

- ба сифати андозсупоранда ба ҳисоб гузоштан дар мақомоти андоз, дурустии маълумот дар бораи маҳалли ҷойгиршавии андозсупоранда;
- аз ҷониби корфармо барои иҷрои кор ва хизматрасонӣ ҷалб намудани кормандони кироя;
- мавҷудият ва истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ ё низоми муттаҳидшудаи сеҷузъа;
- мавҷудияти таҷҳизот (дастгоҳ), ки барои пардохт бо истифодаи кортҳои пластикӣ ва ё дигар шакли пардохти электронӣ пешбинӣ шудаанд;
- мавҷуд будани борхати ҳамроҳикунандаи мол ва мувофиқати ном, миқдор (ҳаҷм)-и мол ба маълумоти дар борхат ҳамроҳикунандаи мол нишондодашуда;
- мавҷудият ва саҳеҳии рамзгузории электронӣ бо мақсади баҳисобгирии молҳои ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, аз ҷумла молҳои зераксизӣ;
- риоя намудани қоидаҳои пуркунии зарф (бастабандӣ), гузоштани тамғаҳои аксизӣ, нигоҳдорӣ, фурӯши молҳои зераксизӣ ва амалӣ кардани намудҳои алоҳидаи фаъолияти зераксизӣ.

253. Вазифаҳои мақомоти андоз дар рафти гузарондани санҷиши амалиётӣ аз инҳо иборат аст:

- назорати риояи қонунгузории андоз аз тарафи андозсупорандагон;
- назорати риояи тартиби муқарраргардидаи қабули воситаҳои пулии нақдӣ, қоидаҳои истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ;
- риоя намудани қоидаҳои рехтан (печондан), гузоштани тамғаҳои аксизӣ, нигоҳдорӣ, фурӯши молҳои зераксизӣ ва амалӣ кардани намудҳои алоҳидаи фаъолияти зераксизӣ;
- ошкорсозии шахсоне, ки фаъолияташонро бидуни бақайдгирии давлатӣ ва гузоштан ба баҳисобгири (бақайдгири)-и дар мақомоти андоз ба роҳ мондаанд;
- назорати гардиши ашёи хом (мавод), маҳсулот ва молҳо дар макони истеҳсолот ва анборҳо, инчунин дар ҷойҳои фурӯши маҳсулот (мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ) бо роҳи гузарондани барӯйхатгирӣ (инвентаризатсия)-и пурра ва ё ҷузъӣ, бо мақсади дастрас намудани оид ба гузарондани санҷишҳои андоз;
- баҳисобгирии пурраи даромадҳое, ки андозсупорандагон ҳангоми фурӯши мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) ба даст меоранд;
- тартиб додани назорати камералӣ дар ҳолати ошкор гардидани талаботи қонунгузории андоз.

254. Санҷиши амалиётӣ дар асоси фармоиши роҳбари мақомоти андоз гузаронда мешавад, ки он ҳангоми гузаронидани санҷиш ба андозсупоранда тибқи замимаи 19 ба Дастурамали мазкур супорида мешавад ва дар дафтари бақайдгирии санҷиш сабт карда мешавад.

255. Дар сурати монеъ шудани андозсупоранда ба воридшавии шахси мансабдори мақомоти андоз ба макони фаъолияти худ шахси мансабдори мақомоти андоз дар ин хусус санад тартиб дода, ба мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат менамояд. Дар ин сурат воридшавии шахси мансабдори мақомоти андоз дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъмин карда мешавад.

256. Нусхаи аслии фармоиш дар баробари шаҳодатномаи хизматӣ ба андозсупоранда барои шиносоӣ пешниҳод карда мешавад. Андозсупоранда метавонад нусхаи фармоишро талаб намояд. Дар ин маврид, дар фармоиш аз ҷониби андозсупоранда оид ба шинос шудан ва (ё) гирифтани нусхаи фармоиш, имзо бо нишон додани сана ва вақти гирифтани он гузошта мешавад.

257. Аз ҷониби андозсупоранда рад кардани шинос шудан ба фармоиш, барои нагузарондани санҷиши амалиётӣ асос шуда наметавонад.

258. Шахси мансабдори мақомоти андоз, ки санҷиши амалиётиро мегузаронад, ҳуқуқ надорад аз андозсупоранда маълумоти ба мавзуи санҷиши амалиётӣ алоқаманднабударо талаб намояд.

## 29. АМАЛҲОИ САНҶИШГАРОН ҲАНГОМИ ГУЗАРОНДАНИ САНҶИШИ АМАЛИЁТӢ

259. Санҷиши амалиётӣ аз ҷониби санҷишгарон аз мушоҳидаи объект (объектҳо)-и барои санҷиш пешбинишуда шуруъ мегардад.

260. Агар андозсупоранда ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият надошта бошад ва ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи қонунгузории андоз содир карда бошад, он бояд ба бинои наздиктарини мақомоти андоз ҷиҳати муқаррар кардани шахсият ва барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои дахлдори санҷишӣ даъват карда шавад.

261. Дар сурати саркашӣ намудан аз ҳозир шудан ба мақомоти андоз, барои ичро накардани талаботи шахси мансабдори мақомоти андоз бо тартиби муқарраргардида чораҳои чавобгарии маъмурӣ татбиқ карда мешаванд.

262. Дар рафти санҷиши амалиётӣ чунин ҳолатҳо мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд:

